20_
A
nomidagi
O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

18 январи соли 2020. Шанбе

№ 7 (14606)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ҲАЙАТИ БОНКИ УМУМИҶАҲОНИРО ПАЗИРУФТ





**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 17 январ ҳайати вакилони Бонки умумиҷаҳониро таҳти роҳбарии ноиб-президент Сирил Мюллер қабул кард.**

Гурӯҳи Бонки умумиҷаҳонӣ дар миқёси ҷаҳон институти пешрави молиявӣ буда, шарики стратегии мамлакатамон дар татбиқи барномаи нави дигаргунсозиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Коршиносони бонк дар коркарди таклиф ва пеш бурдани ислоҳоти самарабахш дар соҳаҳои бонку молия ва андоз, кишоварзӣ ва хоҷагии об, геология, таълим, такмил додани иқлими сармоягузорӣ ва муҳити корчаллонӣ, дигар самтҳои устувори Ӯзбекистон фаъол иштирок менамоянд.

Алҳол арзиши лоиҳаҳои татбиқшуда ва ҷории Бонки умумиҷаҳонӣ дар Ӯзбекистон 5,5 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Соли гузашта бонк лоиҳаҳои нави пешомаднокро ба маблағи то 1 миллиард доллар маъқул донист. Савдоҳои музояда оид ба сохтмони нерӯгоҳи барқии офтобӣ дар вилояти Навоӣ, инчунин тақдимоти «Платформаи мамлакат» дар шаҳри Вашингтон бомуваффақият гузаронда шуданд.

Сарвари давлатамон алоҳида таъкид намуд, ки ҳамаи ин комёбиҳо натиҷаи ҳамкории наздик, мулоқоти рӯшод ва конструктивии байни Ӯзбекистон ва Бонки умумиҷаҳонӣ мебошад.

Дар навбати худ Сирил Мюллер саломи самимии президенти Гурӯҳи бонки умумиҷаҳонӣ Дэвид Мэлпассро расонда, изҳори бовар намуд, ки бонк барномаи ислоҳоти дар Ӯзбекистон татбиқшавандаро пурра дастгирӣ менамояд.

Дар рафти вохӯрӣ масъалаҳои муҳим ва самтҳои пешомадноки ҳамкории дуҷониба баррасӣ гардиданд.

Ба масъалаҳои васеъ гардондани кӯмак дар пеш бурдани ислоҳот дар соҳаҳои асосӣ, аз он ҷумла кишоварзӣ, энергетика, нафту газ, сектори нақлиёт ва дигар самтҳо, инчунин дар татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи мубориза бо қашшоқӣ эътибори алоҳида дода шуд.

Бинобар коркарди стратегияи нави дарозмуҳлати шарикии Ӯзбекистон ва Бонки умумиҷаҳонӣ қарордод шуд.

**ӮзА.**

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

## ДАР БОРАИ ТАЪИН КАРДАНИ АЪЗОИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

Мувофиқи моддаи 77-уми Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва моддаи 75-уми Кодекси интихоботи Ҷумҳурии Ӯзбекистон инҳо аъзои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъин карда шаванд:

**Аюпов Шавкат Абдуллаевич** — директори Донишкадаи математикаи ба номи В.И.Романовскии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**Баситханова Элмира Иркиновна** — муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон – раиси Кумитаи занони Ӯзбекистон

**Рафиқов Кудратилла Мирсагитович** — раиси Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон

**Рахманкулов Мир-Акбар Ходжи-Акбарович** — муовини аввали директори Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**Саидов Сироҷиддин Салохович** — раиси Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон

**Сайфуллаев Бахтиёр** — вазири фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон – ректори Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон

**Санакулов Кувандик** — директори генералии корхонаи давлатии «Комбинати кону филизоти Навоӣ»

**Сафоев Содиқ Солихович** — муовини аввали Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**Саъдуллаев Алишер Зафар ӯғли** — муовини аввали мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои ҷавонон, илм, таълим, нигаҳдории тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш

**Турдиев Содиқжон** — раиси раёсати Бунёди оид ба дастгирии фаъолияти ҷамъиятии собиқадорони Ӯзбекистон «Нуроний»

**Ходжиматов Минхажидин Мирзажанович** — роҳбари Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ

**Худайбергенов Турсинхан Айдарович** — мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**Юлдашев Бехзод Садикович** — президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*17 январи соли 2020.*

## ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН СЕРГЕЙ ЛАВРОВРО ҚАБУЛ КАРД

**16 январ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои хориҷии Федератсияи Русия Сергей Лавроврo, ки бо сафари расмӣ ба кишвари мо омадааст, пазируфт.**

Дар оғози вохӯрӣ Президенти Ӯзбекистон бо қаноатмандии амиқ беҳтар шудани муносибатҳои дуҷонибаи шарикии стратегӣ ва тифоқиро қайд намуд.

Мулоқоти мунтазам дар сатҳи олӣ, хеле фаъол гардидани мубодилаи тарафайн ва вусъат пайдо кардани ҳамкориҳои бисёрҷанба, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои тиҷорату иқтисодиёт, сармояҳо, энергетика, нақлиёту коммуникатсия, маданиву инсонпарварӣ, таълимӣ ва дигар самтҳои бартаринок аз ин шаҳодат медиҳанд.

Сергей Лавров ба сарвари давлати мо барои пазироии гарм миннатдорӣ баён кард ва салому паёмҳои самимии Президенти Федератсияи Русия Владимир Путинро расонид. Нақши муайянкунандаи сарони ду давлат бобати муваффақ шудан ба сатҳи кунунии муносибатҳои тарафайн махсус таъкид гардид.

Дар ҷараёни вохурӣ масъалаҳои рӯзмарраи муносибатҳои ӯзбекистониву русиягӣ баррасӣ шуданд, бинобар рӯзномаи байналхалқӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор ба амал омад.

Ба масъалаҳои омодагӣ ба вохӯриҳои пешистодаи дараҷаи олӣ дар соли равон эътибори махсус дода шуд.

**ӮзА.**

***Моддаҳое, ки аз ҷониби мақомоти тафтиши нахустин нисбати 6 ҳазору 655 нафар беасос гузошта шуда буд, аз айбдоркунӣ соқит гардида, барои аз нав дида баромадан пешниҳод шуданд.***

## ДАР ӮЗБЕКИСТОН СОЛИ СИПАРИГАРДИДА 859 ШАХС БЕГУНОҲ ДОНИСТА ШУД

Ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои инсон, ки вазифаи ба зиммаи судҳо гузошташуда аст, имрӯз ин низом ба маънои томаш бо ҳамин мақсад кор мебарад. Дар судҳо зиёд шуда истодани ҳукмҳои сафедкунӣ далели ин гуфта мебошад. Зеро дар гузаштаи наздик тамоми ҳукму қарорҳои судҳо ба сиёҳкунӣ нигаронида шуда буданд.

Соли сипаригардида судҳо 858 нафар шахсро бегуноҳ донистанд ва онҳо реабилитатсия карда шуданд. Соли 2016 ҳамагӣ 6 нафар сафед карда шуда буданд, солҳои пештар ин ҳолат қариб ки ба қайд гирифта нашудааст.

– Соли 2019 аз ҷониби судҳо доир ба корҳои ҷиноӣ нисбати 36 ҳазору 845 шахс 28 ҳазору 846 парванда санҷида шуд, – мегӯяд роҳбари хидмати матбуоти Суди олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Азиз Обидов. – Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 2018 доир ба шахсон 24,2 фоиз, бино ба корҳо бошад 24,4 фоиз кам шуд. Шахсони судшуда 27 ҳазору 603 нафарро ташкил медиҳанд, ки аз ин миқдор ба 6 ҳазору 957 шахс ҷазои аз озодӣ маҳрум ва ба 19 ҳазору 278 нафар дигар намуди ҷазоҳо таъин карда шуд.

Шахсони ҳукми шартӣ гирифта 1 ҳазору 368 нафарро ташкил медиҳанд. 24 ҳазору 491 нафари судшудагон мардҳо, 3 ҳазору 112 нафарашон занҳо, 10 ҳазору 700 нафарашон ҷавонон (аз ҷумла, 497 нафарашон ноболиғон) ва 873 нафарашон шахсони синнашон аз 60 боло мебошанд. 3 ҳазору 80 шахс, ба муносибати вобастагӣ надоштан ба ҷазои аз озодӣ маҳрумкунӣ аз зали суд ва 26 ҳазору 436 шахс пеш аз адои муддати ҷазо шартан озод карда шуданд. Ҷазои беш аз 8 ҳазор нафар бо сабукаш иваз карда шуд, моддаҳое, ки аз ҷониби мақомоти тафтиши нахустин нисбати 6 ҳазору 655 нафар беасос гузошта, аз айбдоркунӣ соқит гардида, барои аз нав дида баромадан ба суд пешниҳод карда шуданд.

Тибқи кафолати созмонҳои ҷамъиятӣ амалиёти сабук кардани ҷазоҳо низ ба кор бурда мешавад. Аз ҷумла, тибқи хати кафолати Иттифоқи ҷавонон нисбати 270 шахс, Кумитаи занону духтарон нисбати 210 нафар зан ва ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо нисбати 1 ҳазору 373 нафар ҷазои новобаста ба аз озодӣ маҳрум кардан дода шуд.

Теъдоди барои баъзе намудҳои ҷиноят судшудагон, аз қабили рабудани воситаи нақлиётӣ, қасдан одам куштан, ғоратгарӣ, толону тороҷ, азхудкунӣ ё толону тороҷ бо роҳи сарфкунӣ, фиребгарӣ, дуздӣ, қасдан ба тан захми гарон ва миёна расондан, рӯ тофтан аз таъминоти моддии ноболиғон ва шахсони ба меҳнат лаёқатнадошта, савдои одам, сохтакорӣ дар мансаб, сӯиистеъмоли ваколати ҳокимият ва мансаб нисбат ба соли 2018 кам шуд.

Бар асари корбурди босамари институти оштӣ 7 ҳазору 329 шахс аз ҷавобгарии ҷиноӣ озод гардид. Нисбати 3 ҳазору 187 шахсе, ки 443,9 миллиард сӯм зарари моддиро ҷуброн намудаанд, ҷазои новобаста ба аз озодӣ маҳрум кардан таъин карда шуд.

Ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба аҳолӣ 13 ҳазору 890 парвандаи ҷиноӣ, яъне қариб 48,2 фоизи парвандаҳо дар маҷлисҳои суди сайёр ҳаллу фасл гардиданд.

Ғайр аз ин, аз ҷониби ҳайати судӣ оид ба корҳои ҷиноии Суди олӣ бино ба тартиби назоратӣ нисбати 1 ҳазору 788 шахс 1 ҳазору 486 парванда шудааст. Нисбати 1 ҳазору 37 шахс қарорҳои аз ҷониби судҳои поёнӣ доиргардида бекор гардида, нисбати 581 шахс қарорҳои баровардаи судҳо тағйир дода шудаанд. Ин натиҷаи чорабиниҳои барқарор намудани адолат дар идораҳои болоии судӣ мебошад.

**Норгул АБДУРАИМОВА, хабарнигори ӮзА.**

## ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

***Дар маркази байналхалқии матбуот ҷамъомади навбатии Комиссияи марказии интихоботи Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор шуд. Ба кори ҷамъомад раиси Комиссияи марказии интихобот М. Абдусаломов сарварӣ кард.***

Дар рӯзномаи ҷамъомад масъалаҳои ба рӯйхатгирии аъзои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва даъвати ҷамъомадҳои аввалини палатаҳои парлумон баррасӣ шуданд.

Мувофиқи Кодекси интихоботи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷамъомади муштараки депутатҳои мақомоти намояндагии Жокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо оид ба интихоботи аъзои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон 16-17 январи соли 2020-ум баргузор гардид.

Дар асоси баённомаҳои ҷамъомади муштарак аъзои Сенати Олий Маҷлис ба рӯйхат гирифта шуданд.

Тавре ки таъкид гардид, аз байни депутатҳои обрӯманде, ки дар соҳаҳои илм, санъат, адабиёт, истеҳсолот, инчунин соҳаҳои дигари фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ соҳиби таҷрибаи амалӣ мебошанд, аъзои Сенат интихоб карда шуданд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои оид ба даъвати маҷлисҳои нахустини Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Сенат низ баррасӣ шуданд.

Мувофиқи моддаи 81-уми Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва моддаи 14-уми Кодекси интихобот ҷамъомадҳои нахустини Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Сенат аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот даъват карда мешаванд.

Дар ҷамъомад қарор шуд, ки маҷлисҳои нахустини Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Сенат 20 январи соли 2020-ум дар шаҳри Тошканд даъват карда мешавад.

**Нурилло НАСРИЕВ, хабарнигори ӮзА.**

Дирӯз ва имрӯзи ноҳияи Фориш

## ЗИКР ВА ТАҲЛИЛИ КОРҲОИ БАРҚАРОРСОЗӢ ВА ОБОДОНӢ

***Маълум аст, ки сарвари давлат зимни ташрифи худ ба вилояти Ҷиззах ба роҳбарон супориш дода буд, ки шаҳри Гагарин ба тариқи намуна пазируфта шавад ва дар саросари вилоят лоиҳаи «Илғор ҳудуд» ҷорӣ гардад. Бо ин роҳ дар маркази ҳамаи шаҳру навоҳӣ корҳои ободонӣ ва барқарорсозӣ амалӣ шаванд.***

Инак, дар муддати сипаригардида дар маркази ноҳия шаҳраки Боғдон корҳои азими бунёдкорӣ ҷараён гирифтанд.

Биноҳои атрофи роҳи калон кӯҳнаву фарсуда шуда, ҳусни шаҳрак кайҳо коҳида буд. Аз ин рӯ мардум ҳамеша ба якдигар бо назари суол менигаристанд. «Кай ноҳияи мо ҳам монанди Мирзочӯл, шаҳри Гагарин рӯ ба ободӣ мениҳад?».

– Соли ҷорӣ мувофиқи реҷаи меъморӣ амалӣ сохтани бинокориҳо ба тасвиб расид, – мегӯяд муовини ҳокими ноҳияи Фориш Фаррух Амиров. – Бинобар ин ҳоло тибқи ин реҷа васеъ намудани роҳи калони мошингарди кӯчаи марказӣ амалӣ мегардад. Танҳо барои таъмир ва азнавсозиҳои маркази ноҳия зиёда аз 600 нафар ва 20 техникаи гуногун ҷалб карда шудаанд.

Ба Боғдон вақте наздик шудед, дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Оқтеппа», деҳаи Тутак – боғи истироҳатии ноҳия бунёд мeёбад. То ин дам атрофи он бо панҷараи оҳанин маҳкам ва дар кӯчаҳо ускунаҳои равшанидиҳанда устувор карда шудаанд.

Дар ду ошёнаи аввали бинои сеошёнаи прокуратура, ки Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Евро спорт» сохтмони онро бар ӯҳда гирифтааст, корҳо ба анҷом расидаанд. Ошёнаи сеюмро таъмир мекунанд. Сипас корҳои пардоздиҳиро ба поён мерасонанд.

(Давомаш дар саҳ.2).

***Моҳи январи соли равон дар шабакаи Хидмати умумиҷаҳонии «Би-би-си» (BBCWorldService) рӯзҳои якшанбе филми мустанад дар бораи Шоҳроҳи абрешим, бахшида ба маданият, анъана ва маишати халқҳое, ки дар шафати ин хатсайри таърихии тиҷоратӣ зисту зиндагӣ мекунанд, намоиш дода мешавад.***

## ХИДМАТИ УМУМИҶАҲОНИИ «БИ-БИ-СИ» ДАР БОРАИ НАҚШ ВА МАҚОМИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР ШОҲРОҲИ АБРЕШИМ ҲИКОЯ КАРД

Пеш аз ҳар як барномаи хабарӣ, яъне ҳар соат, аз экрани шабакаи телевизионӣ мусиқии классикии ӯзбекӣ, ки барои навори рекламавии филм интихоб шудааст, садо медиҳад.

Филми секисматаи ҳуҷҷатии «TheSilkRoad» аз ҷониби гурӯҳи эҷодии «Би-би-си» дар ҳамкорӣ бо ЮНВТО бардошта шуда буд. Суратгирӣ дар шаҳрҳои асосии тамоми хатсайр аз Чин то Шарқи Наздик, аз ҷумла нуқтаҳои таърихии аҳолинишини Ӯзбекистон баргузор шуданд. Муаллиф – муаррих ва барандаи телевизион Сэм Уиллис мебошад, ки беш аз 10 филми мустанадро барои BBC ва NationalGeographis ба навор гирифтааст.

Филм дар бораи нақши муҳими Шоҳроҳи абрешим дар рушди робитаҳои тиҷоратӣ, илмӣ, маданӣ ва башардӯстии байни халқҳои Шарқ ва Ғарб нақл мекунад, ки дар пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми бузург гузоштааст.

Қисми дуюми трилогия (12 январи соли равон ба эфир баромад), ба Осиёи Марказӣ бахшида шуд ва тавре ки муаллиф таъкид мекунад, «қисми аз ҳама машҳур, вале то ҳанӯз комилан тадқиқнашудаи Шоҳроҳи абрешим ба шумор меравад».

Мувофиқи зикри муаллифи филм минтақаи мазкур ҷойи кашфиётҳои бузурги илмӣ, ватани шахсиятҳои бузурги таърихӣ ба шумор меравад. Аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки олимони машҳури Осиёи Марказӣ дар пешрафти илми ҷаҳонӣ саҳми бебаҳо гузоштаанд, онҳо ба эҳёи илм ва маданияти Ғарб низ таъсири мусбат расондаанд. Дар филм оид ба мероси ғановатманди илмии олими бузург Ал-Хоразмӣ, ки дар илмҳои математика, нуҷумшиносӣ, ҷуғрофия, таърих ва фанҳои дигар нақши бемисл гузоштааст, ҳикоя карда мешавад.

Ҳамчунин таъкид мегардад, ки сокинони минтақа, ки ба сифати тоҷирону соҳибкорони моҳир шинохта шудаанд, дар рушди Шоҳроҳи абрешим нақши асосӣ бозидаанд.

«Меъмориҳои беназире, ки аз ҷониби саркардаи бузург Амир Темур ва ворисони ӯ бунёд шудаанд, то ҳол бо ҳусну шаҳомати худ касро ба ҳайрат меоваранд», – нақл мекунад муаллиф.

Дар ҳақиқат, наворҳои филм ба тамошобин тамоми бузургӣ ва назокати шаҳрҳои таърихии Ӯзбекистон – Самарқанд, Бухоро, Хиваро кушода медиҳанд. Хулоса, муаллиф тавонистааст аҳамияти хоссаи сарзамини Ӯзбекистонро, ки имрӯз низ пули байни Шарқ ва Ғарб боқӣ монда, бо манзараҳои беназири шарқӣ ва рушди муттасили кунунӣ ҷолиб мебошад, нишон диҳад.

**ОИ «Дунё»,**
*шаҳри ЛОНДОН.*

Ҳанӯз аз кӯдакӣ мушоҳида кардаам, ки чӣ дар хонадони мо, чӣ ҳамсоя ва ҳамдеҳагон баробари пиронсолон, ки ба намози бомдод мехезанд, субҳи барвақт духтарон ва бонувон аз хоб хеста, нахуст, барои дасту рӯ шустани аъзои оила об гарм мекунанд. Дарвозаро мекушоянд. Ба ҳавлӣ ва дари кӯча об зада, мерӯбанд. Ҳамин тавр, ҳанӯз рӯз нашуда, дар ҳар ҳавлӣ ҷунбуҷӯл оғоз меёбад, ки қабл аз ҳама ба таъмини тозагӣ ва озодагии манзил нигаронида шудааст.

Ба пеш доман баста, аз паи тозагӣ шудани қисме аз ҳамсоямардҳои деҳаам борҳо ҳавас кардаам. Манзилу макони сариштаву саранҷом ва тозаву озодаро пур аз файзу фаришта мегӯянд.

Аз дарвозаи манзилҳои саранҷому саришта ва тозаву озода даромада, бахри дилатон кушода мешавад. Ба тозагӣ ва озодагӣ чӣ расад!

Мегӯянд онҳое, ки орзуи фуровардани арӯсҳои муносибро дар дил мепарваранд, қабл аз ҳама, ба дари кӯчаи духтардор зеҳн мемонанд.

Шахсоне, ки ба тозагию озодагӣ риоя месозанд, дигаронро низ ба ин даъват менамоянд. Дар «дом»-и ҳамсояи мо Нурияхола ном зани аз ҳаштод гузашта истиқомат мекунад. Кадом вақт нигарӣ, дар даст ҷорӯб ва сатили об, аз паи саранҷом сохтани саҳн ва атрофи бинои бисёрошёна. Албатта, дигарон низ, хусусан, духтарҳо ва ҷавонзанон, ки ин ҷо зиндагӣ мекунанд, вақт ёфта, ба рӯбучин машғул мешаванд. Ҳамсояҳо бо ғамхорӣ мегӯянд:

«Хола, монда мешавед. Дар ин синну сол чаро худро азоб медиҳед?» Вай лабханд мезанад: «Ин кор барои ман заҳмат нест, балки роҳат аст».

Ва ҳаққо, онҳое, ки меҳнатзодаи воқеӣ, инсони ҳақиқианд, бе кор нишаста наметавонанд. Ба ҷои гапфурӯшию ғайбат аз паи амали фоиданок шуда, бо он ки ба ҷамъият нафърасонанд, қаноатмандӣ ҳосил мекунанд.

Инсонҳои хуб ба дигарон таъсир мегузоранд. Ба амали нек ва ибратбахш ҳаваси дигаронро бедор ва онҳоро аз паси худ мебаранд.

Ба наздикӣ ба яке аз маҳаллаҳои ободи мавзеи 19-уми ноҳияи Юнусободи пойтахт рафтам. Манзараи хуш ба чашм нур мебахшид.

# ФАЙЗИ ОЗОДАГӢ

Тавре менамуд, аҳолии бисёр ва мансуб ба миллатҳои гуногуне, ки он ҷо истиқомат доранд, гӯё аъзои як хонадони саранҷому сариштаанд. Воридгоҳ баъди таъмири хушсифат ба дил равшанӣ мебахшад. Бозича, тӯб ё велосипедчаҳои кӯдакона берун аз дарҳо гузошта шудаанд. Ҳайрон мешавед: касе намедуздад?

Маълум шуд сокинони он истиқоматгоҳ баробари хушрӯзгор ва саранҷому саришта будан ба якдигар бовар мекунанд, хиёнат ба чизи касро ба гӯшаи хаёл намеоранд.

Мутаассифона, боз истиқоматгоҳҳое ҳастанд, саҳн ва атрофашон пур аз хазон, хокрӯба ё партовҳои ҳархела. Даруни ҷӯйбори бетонӣ хасрӯба ва партовҳои маишӣ пӯсида хобидаанд. Аз ҷорӯб надидани баъзе воридгоҳҳо табъ мекоҳад. Дар паси баъзе дарҳо халтаҳои пур аз партови селофаниро гузоштаанд. Даруни манзили худро озода нигоҳ доранд бас, дар чӣ аҳвол қарор доштани паси дар барои онҳо беаҳамият аст.

Дар ҳар гузар ақаллан дусе ҷойҳои ахлотпартоӣ мавҷуд. Аммо дар қади роҳҳо ғарами ахлотҳо. Ходимони «Махсустранс» ахлот ё чизҳои ҳавододашудаpo бардошта, эълонҳо мечаспонданд, ки «ҷарима фалон сӯм». Вале ношоистагӣ боз давом мекунад.

Рӯбучин вақти муайян надорад. Хазон, ки аз шох афтид, бояд онро бардошт...

Ривоят мекунанд, ки нафаре, ки аз зодгоҳ дар ҷавонӣ баромада рафта, дар шаҳри дуре тиҷораташ омад мекунад ва сарватманд мешавад. Бачаҳояш ба воя мерасанд. Писари калонӣ хеле боақл ва хуштадбир буд. Духтардорҳо дар ҳаваси домод кардани вай. Вале бой хост аз зодгоҳаш муносибатарин арӯс пайдо кунад.

Ба деҳаи падарӣ омад ва эълон намуд: «Чаққонтарин ва саранҷомтарин духтарҳои қадраси деҳаро муайян карданиам. Ҳар кас ба рӯбучини манзили худ машғул шавад. Духтароне, ки аз ҳама зиёд меҳнат карда ва бештар хасрӯбаю партов оварда холӣ мекунанд, бо мукофотҳо сарфароз гардонда мешаванд».

Духтарон баробар ба рӯбучин машғул шуданд. Аз ҳар хонадон партовҳои зиёде мебаромад. Хасрӯбаҳоро худи бой қабул карда, духтаронро ба андозае, ки партов овардаанд, рағбатнок месохт. Ниҳоят, духтаре, ки аз ҳама зиёд партов овард, ба калонтарин мукофот лоиқ шумурда шуд.

Бой пурсид: «Ҳамаи духтарони деҳ иштирок карданд?»

Гуфтанд, як нафар, ки аз падару модар дар тифлӣ ҷудо шуда, дар даргоҳи тағо калон шудааст, ҷуръати кӯчабарой накард...

Бой ба манзили он духтар роҳ пеш гирифт. Файзу фариштаи ҳавлие, ки рӯбучинаш ба заммаи ятимак буд, баробари аз остона ворид шуданаш ҳувайдо гардид. Дар кунҷе андӯҳгин менишаст ятимак. «Духтарам, ту чаро дар мусобиқа иштирок накардӣ?», ба нармӣ суол кард бой. Духтар гиря намуд: «Ҳамин қадар рӯфтам, як кафак хасрӯба баромад халос, аз онро ба кӯча, ба ҷои таъиншуда бурда партофтан шарм кардам».

Бой мисле муродаш ҳосил шуда, мамнун табассум намуд: аз ҷое, ки ҳамеша озода аст, хасрӯба намебарояд. Барояд ҳам, кам мебарояд. Баръакс, бисёр баромадани хасрӯба нишонаи муддатҳо рӯи ҷорӯб надидани манзил аст. Ғолиб омадӣ, духтарам. Туро келин мекунам!»

Зимнан ба ҳамеша тозаю озода нигоҳ доштани нафақат манзилу маконе, ки дар он истиқомат дорем, балки дар покизагии роҳ ва кӯчаҳо, саҳн ва атрофи мавзеъҳо, саранҷомии ҳар ҷое, ки ба он назари касон меафтад, ҳар яки мо масъулем. Дар ин кор якҷоя амал кардан, яъне ба таври ҳашар амалҳои нек ва савоби марбути ободгарию оростагиҳоро ба иҷро расондан аз одатҳои азалии халқҳои мост.

Ба қарибӣ аз ҷониби ҳокимияти шаҳри Тошканд аксияи «Тошканди файзнок» эълон гардид, ки ду моҳ давом хоҳад намуд.

Баробари кӯчаҳои марказию хиёбону гулгаштҳое, ки доимо мадди назаранд, кӯчаҳои дохилӣ, торкӯча ва роҳҳои сарбастаи даруни маҳаллаҳо низ обод ва канори онҳо бо шинонда шудани гулу растаниҳои ҳамешабаҳор файзу тароват пайдо мекунанд. Аснои шурӯъ ба аксия ҳокими шаҳр Ҷаҳонгир Ортиқхоҷаев ба мардуми пойтахт муроҷиат сохт, дар ин кор мутташаккилона амал кунанд. Аҳли Тошканд аз он эҳсоси ифтихор созанд, ки дар шаҳри азими файзнок, ки ҳар гӯшааш порае аз табиати сабз, шукуфон ва назаррабост, истиқомат доранд. Фикр мекунам ба ин ташаббус ҳар кадом бо ҷӯши меҳр ҷавоб мегардонед, изҳор намуд мири пойтахт.

Баробари ходимони идораҳои ободгардонӣ ихтиёриёне, ки саҳм гузоштан ба тозагию озодагиро кори савоб мепиндоранд, иштирок мекунанд. Масалан, нафақахӯр Ойсифат Қуронова, ки дар майдони меҳнат ҷавлон мезанад, мегӯяд, ороста нигоҳ доштани пойтахт фақат вазифаи ходимони садорати ободгардонӣ нест, ки ҳамагӣ бештар аз 1000 нафаранд. Танҳо дар вазъи даст ба даст дода, таҳтидилона ба ин амали хайр шурӯъ сохтан пойтахти мамлакати худро ба шаҳри пурфайз табдил доданамон мумкин.

Тозагию озодагӣ, сабз, хуррам ва ободгардонӣ дар доираи аксияи думоҳа 30 ҳазор гектар майдонро фаро хоҳад гирифт. Обод гардондани қабристонҳо низ ба нақша гирифта шудааст.

**М. ШОДИЕВ.**

# ЗИКР ВА ТАҲЛИЛИ КОРҲОИ БАРҚАРОРСОЗӢ ВА ОБОДОНӢ

(Аввалаш дар саҳ. 1).

Бо саъю эҳтимоми тадбиркори саховатпеша Туркман Хавосов дар даромадгоҳи Боғдон бунёди масҷид ҷараён дорад. Девори бинои масҷидро бо хишти пухта бардоштаанд. Дар сурати ба кор даромадани ин масҷиди ҷомеъ дар як вақт 600-800 нафар намозхонҳо метавонанд ибодатро баҷо оваранд.

Дар қисми чап ва рости даромадгоҳи маркази ноҳия биноҳои панҷошёнаи истиқоматӣ месозанд. Қариб панҷоҳ нафар бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Агростандартплюс» дар сохтмони ин биноҳо меҳнат мекунанд. Ба ғайр аз ин рӯзҳои наздик барои 24 хонадон хонаи истиқоматӣ сохта ба истифода супурда мешавад.

– Якчанд нафар тадбиркорон, ба мисли Аброр Назаров, Ҳамза Тағоев, Марзия Ӯришева, Самара Бурҳонова, Рустам Нарзиев, Калол Ибатов, Зойир Тағоевҳо дар ду тарафи кӯчаи ба номи Амир Темур маҷмӯаҳои гуногуни савдо, хизматрасонӣ сохтанд, ки ба истифода пасу пеш супурда мешавад, – мегӯяд мутахассис оиди корҳои рушд додани саноат, сохтмони капиталӣ, коммуникатсия ва хоҷагии коммуналии ҳокимияти ноҳияи Фориш Шаҳбоз Аббосов. – Мо аз ин саъю ғайрат ва ташаббуси онҳо миннатдорем. Баробари ин дар бинои шуъбаи фарҳанг корҳои реконструксия идома доранд.

Албатта, дар кори сохтмон шитобкорӣ нашояд. Ҳар як бино, иншоот муддати муайян доранд, ки пурра сохта ба истифода супурда шаванд. Дар сохтмони бозори деҳқонии Фориш, «Гузари ҷавонон» маҷмӯи варзишии «Бачаҳо ва наврасон», муассисаи ғайридавлатии таълимии томактабии «Хадичабону» ҳамин ҳолро мушоҳида кардан мумкин аст.

– Аз масофаи 18,2 километр барои эҳтиёҷи аҳолиро бо оби ошомиданӣ ҷонеъ сохтан хати об кашида мешавад. То ҳозир дар 15 километри он корҳои хобонидани қубурҳои обгузар ба анҷом расидаанд.

– Солҳост, ки дар маҳаллаи ба номи Эргаш Калонови маркази ноҳия зиндагӣ мекунем. Барқарорсозӣ ва азнавсозиҳои хусусан солҳои охирро дида хеле хушҳол мегардем, – мегӯяд Бунёд Сироҷов ва модараш Дилрабо Сироҷова. – Корхонаҳои нав сохта ба истифода супурда мешаванд.

Ин аз он далолат медиҳад, ки дарояндаи наздик салоҳияти иқтисодии ноҳия баланд мегардад.

Дар ҳақиқат, ба фаъолият шурӯъ намудани корхонаи саноатии «Mega Invest Industry» дар қаламрави ноҳия боиси хурсандии аҳолӣ гардид. Баробари ба охир расидани канали «Караман» имконият фароҳам оварда мешавад, ки бист ҳазор гектар замин корам гардад.

Заводи коркарди семент бо номи «Экосемент» сохта мешавад. Лоиҳаи сохтмони ин завод 1,1 триллион сӯм қимат дорад.

Мавриди гуфтан аст, ки дар маҳаллаҳои «Оқтеппа», «Нурак» ва «Дӯстлик» корҳои азими таъмиру тармим ба сомон расонида шуд. Чунончи, дар ҷамоати маҳаллаи «Дӯстлик» қариб чор ҳазор нафар умр ба сар мебарад. Дувуним ҳазор нафар аҳолӣ бо кор банданд. 6,5 километр масофаи роҳ рӯи таъмирро дид. Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Давр қурилиш зиёси» корҳои таъмирро дар ҳудуди маҳалла иҷро кард.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ӮЗБЕКИСТОНИ НАВРО ҲАМРОҲИ ҶАВОНОН МЕСОЗЕМ

***Дар суҳбат бо ҷавонон, ки 27 декабри соли 2019 таҳти сарварии Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев баргузор гардид, масъалаҳои иҷрои панҷ ташаббуси аз тарафи сарвари давлат пешбинишуда мавриди муҳокима қарор гирифта буд.***

Дар чаҳорчӯбаи ҷамъомад имрӯзҳо дар саросари кишварамон вохӯриҳо ва мулоқотҳои ошкоро бо ҷавонон баргузор мегарданд. Чанде пеш дар «Маркази ҷавонон»-и шаҳри Намангон вохӯрии ҳокими вилояти Намангон Хайрулло Бозоров бо ҷавонони вилоят баргузор шуд. Дар вохӯрӣ ҳокими вилоят гуфт, ки дар бунёдкориҳои васеъмиқёсе, ки имрӯзҳо дар ҳудуди вилоят амалӣ мегарданд, саҳми ҷавонон калон аст. Дар ин бобат аз тарафи ҳокимияти вилоят ба ҷавонон ҳамаи шароитҳо фароҳам оварда шудааст.

– Имрӯзҳо маҳз ба туфайли аз ҳисоби сармояи сармоягузорони хориҷӣ қад рост намудани корхонаҳои гуногуни муштарак ва хонаҳои истиқоматӣ вилоят ба майдони бунёдкориҳо табдил ёфтааст. Барои ҳамин ҳам дар вилоят ба мутахассисони соҳибихтисос аз рӯйи сохтмон, архитектура ва дизайн талабот зиёд аст.

Пули шартномаи 100 нафар ҷавононе, ки аз рӯи ихтисосҳои номбурда дар таълимгоҳҳои олӣ таҳсил мегиранд, аз ҳисоби буҷаи вилоят гузаронида мешавад. Инчунин, барои 10 нафар ҷавононе, ки дар таълимгоҳҳои олии хориҷӣ таҳсил мегиранд, низ чунин имтиёзҳо дода мешавад, – гуфт ҳокими вилоят.

Барои зиёд кардани шумори соҳибистеъдодони вилоят, ғолибони олимпиада ҳатто бо мошинҳои сабукрав мукофотонида мешаванд. Ҳамаи мактабҳои таълими умумии вилоят бо анҷомҳои мусиқӣ ва китобҳои иловагӣ таъмин карда хоҳад шуд. Барои ҷавонони боистеъдод озмун-азназаргузаронии «Оҳангҳои афсонаҳо» баргузор мегардад. Барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ «Маркази медиа» кушода мешавад.

– Ҷавонони вилоятамон ба ин ғамхориҳои сарвари давлат ва ҳокимияти вилоятамон ҷавоби амалӣ гардонда, дар ҳама соҳаҳо пешсафиро аз даст намедиҳанд, – гуфт раиси Шӯрои Иттифоқи ҷавонони вилояти Намангон Абдулазиз Муъминов.

Чунин вохӯриҳо бо ҳокимони вилоят, ноҳияҳо ва роҳбарони секторҳо идома доранд.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*



# КОРХОНАИ ЗАМОНАВӢ ДАР МӮЙНОҚ

*Мувофиқи барномаи махсусе, ки бо ташаббуси Президенти мамлакат соли 2018-ум бобати инкишофи маҷмӯии иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Мӯйноқи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон қабул гардид, тӯли солҳои 2019-2021 дар ин ҷо ба маблағи 1 триллиону 485 миллиард сӯм корҳои бунёдкориву таъмирӣ ба амал баровaрда мешаванд.*

*Дар муддати кӯтоҳ дар доираи иҷрои барномаи мазкур як қатор иншоот сохта, ба истифода супурда шуданд. Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Мӯйноқ текстил», ки тобистони соли равон ба истифода дода шуд, аз ҷумлаи чунин иншоот ба шумор меравад. Дар ин корхона, ки бо усул ва услуби замонавӣ қад афрохтааст, барои коркунон тамоми шароитҳо муҳайё мебошанд. Дар он 320 мошини дарздӯзии сохти охирини давлатҳои Чин ва Туркия гузошта шуданд. Барои фурӯши сару либоси дар ин ҷо истеҳсолшуда дӯкони махсус ташкил гардидааст.*

*Ҳоли ҳозир дар корхона зиёда аз 300 нафар занону духтарон кор мекунанд. Ба либосҳои босифате, ки дар ин ҷо истеҳсол мешаванд, аз ҷониби ташкилот ва идораҳои маҳаллӣ супоришҳои зиёд мерасанд. Аҳли корхона ният доранд, ки маҳсулоти худро минбаъд содир намоянд.*



***Дар сурат:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Мӯйноқ текстил».*

***Суратгир:***
***М. ҲАБИБУЛЛОЕВ***
***(ӮзА).***

*Мусоҳибаи мо*

# МАҲАЛЛА – ИФТИХОРИ ҲАР ЯК ШАҲРВАНД

***Солҳои охир таҳти роҳбарии сарвари давлатамон ба масъалаҳои фароҳам овардани муҳити солими рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ, таъмин сохтани осудагӣ, мусолиҳаи байниҳамдигарӣ ва фароҳдилӣ эътибори зиёд дода мешавад. Бояд таъкид намуд, ки бо мақсади боз ҳам беҳтар кардани фаъолияти сохтори «Маҳалла» чандин фармону қарорҳои Президент ва Девони Вазирон қабул гардиданд, ки боиси таҳсин аст.***

Суҳбати мо бо раиси шуъбаи вилоятии Бунёди ҷамъиятиву хайриявии «Маҳалла» Бадриддин Насриев доир ба бурду бохти соли сипарӣ ва нақшаҳои оянда буд.

– Ҳоло дар вилояти Самарқанд, – гуфт Бадриддин Насриевич, 1 ҳазору 95 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо фаъолияти пурсамар мебаранд. Аксарияти аминҳои гузару маҳаллаҳо дар интихобот бори нахуст ба вазифаи пурмасъули раиси маҳалла интихоб шудаанд. Аз ҳама муҳимаш, ҷонишинҳои раис оид ба корҳои иҷтимоӣ ва маънавиву маърифӣ таъин гардиданд, ки хидмати онҳо барои пурсамар фаъолият бурдани Бунёди ҷамъиятиву хайриявии «Маҳалла» калон аст. Шояд аз ҳамин сабаб дар беш аз 500 маҳалла ҷиноят содир нашуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 хеле зиёд аст.

**– Бадриддин Насриевич, – барои беҳдошти фаъолияти маҳаллаҳо чӣ гуна тадбирҳо андешида шуданд?**

– Ҳар сол дар байни гузару маҳаллаҳо гузаронидани озмун-азназаргузаронӣ ба анъана табдил ёфтааст, ки мақсад аз он таҳлили фаъолияти мушовирон ва оммависозии таҷрибаҳои пешқадам мебошад. Дар ҷараёни озмун ҳакамон фаъолияти иштирокдоронро аз лиҳози нишондиҳандаҳо, мувофиқати онҳо ба қонун, ба адолатнокӣ барин тамоюлҳо баҳои холисона медиҳанд. Дар байни онҳо намояндагони идораҳои корҳои дохилӣ ва таълими халқ, пешвоёни дин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ходимони расонаҳои ахбори оммавӣ ҳастанд. Озмун бо усули саволу ҷавоб, андешаҳои иштирокчиён нисбат ба таъминшавии барқарории муҳити иҷтимоиву маънавии гузару маҳалла, тарғиби арзишҳои миллӣ ва замон, камхарҷ гузарондани тӯй ва дигар гуна маросимҳо баргузор мегардад.

Бо ташаббуси шуъбаи вилоятии Бунёди «Маҳалла" дар мавзӯи «Ҳамкории ташкилотҳои ҷамоатӣ ва давлатӣ дар ташаккул додани тадбирҳои маънавиву маърифатӣ дар оила ва маҳалла бо иштироки нозирони қитъавии милитсия, посбонон ва мутахассисони кор бо занон ва мустаҳкам кардани суннатҳои аҷдодӣ дар оилаҳо анҷуманҳои таълимиву таҷрибавӣ гузаронидем, ки хеле хотирнишин буд.

Дар тӯли соли гузашта қариб 40 нафар шаҳрвандони фаъолу ташаббускор ва вакилони сохторҳои ҷамоатӣ сазовори нишони сарисинагии «Ифтихори маҳалла» гардиданд.

**– Чанде пеш дар рӯзномаи ноҳияи Самарқанд «Гулобод тонги» мақолаи танқидӣ бо сарлавҳаи «Маҳаллаи бе бино» чоп шуд.**

– Хабардор ҳастам. Дар ҳақиқат, аминҳо (оқсақолон) на танҳо дар гузари Хоҷа Аҳрори Валӣ, инчунин дар аксар маҳаллаҳои вилоят бинои корӣ надоранд. Аммо аз ҳисоби шуъбаи мо дар маҳаллаҳои «Навбоғчиён» ва «Бахтли ҳаёт»-и шаҳри Самарқанд, «Ҷӯшота», «Булоқбоши»-и ноҳияи Нуробод, маркази маҳаллаи ноҳияи Пахтачӣ биноҳои замонавӣ қад афрохтанд.

– Огоҳ ҳастем, ки соли гузашта Бунёди «Маҳалла» 70 нафарро ба рӯзномаи «Овози тоҷик» обуна карда буд, вале имсол...

– Имсол барои обуна ба рӯзномаҳои вилоятии «Зарафшон», «Самаркандский вестник», «Овози Самарқанд» беш аз 70 миллион сӯм ҷудо кардем. Ваъда медиҳам, ки аз моҳи феврал шумораи мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» дар Самарқанд низ зиёд хоҳад шуд.

**– Ташаккур! Акнун доир ба нақшаҳои оянда низ ҳарф мезадед...**

– Аллакай чанд тадбирҳо андешидаем, ки онҳо аз пурзӯр намудани фаъолияти маҳаллаҳо, зиёд кардани ҳисси ҳурмату эҳтиром нисбати қонунҳо, пешгирии қонунвайронкунӣ ва талоқ дар оилаҳо, бунёдкорӣ ва парвариши ниҳолҳои меваноку манзаравӣ дар маҳаллаҳо, истифодаи пурсамар аз замини наздиҳавлигӣ ва ғайра иборатанд. Ҳар як шаҳрванд бояд бо маҳаллаи худ ифтихор кунад, шиори мост.

Мусоҳиб
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ДАСТГОҲҲОИ ЗАМОНАВӢ ТАҚДИМ ШУДАНД



***Дар Вазорати хоҷагии оби Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар доираи лоиҳаи «Мустаҳкам кардани салоҳияти техникӣ»-и Барномаи рушди СММ-и барномаи «Идоракунии барқарори захираҳои об дар ҳудудҳои деҳоти Ӯзбекистон»-и Иттифоқи Аврупо маросими супурдани 28 дона дастгоҳи нивелири электронӣ баргузор шуд.***

Дастгоҳҳои мазкур ба садоратҳои ҳавзаи сохторҳои ирригатсияи Аму – Қашқадарё, Аму – Сурхондарё, Амударё Чапқирғоқ, Зарафшон, Сирдарё – Сӯх, ки ҳудудҳои пилоти лоиҳа ба шумор меравaнд, ҳамчунин, ба Институти илмиву тадқиқотии ирригатсия ва мушкилоти об ва Институти ирригатсия ва муҳандисони механизатсиякунонии хоҷагии қишлоқи Тошканд тақдим карда шуд.

Дар чорабинӣ муовини Вазири хоҷагии об Равшан Мамутов, раҳбари ҳайати Иттифоқи Аврупо дар Ӯзбекистон Эдуардс Стипрайс, вакили доимии Барномаи рушди СММ Матилда Димовска ва дигарон суханронӣ карда, таъкид намуданд, ки мустаҳкам кардани салоҳияти техникии соҳаи хоҷагии об яке аз вазифаҳои муҳим мебошад ва қисми ҷудонопазири баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии об ба ҳисоб меравад. Лоиҳае, ки дар ҳамкорӣ амалӣ мешавад, барои ҷорӣ кардани технология ва ускунаҳои замонавӣ аҳамияти калон дорад.

Нивелирҳои рақамии замонавии таҳти тамғаи «Leica Sprinter 250M» тақдимшуда дар ҷойҳо дар ҷараёни сохтан ва таъмир кардани иншоотҳои гидротехникаи хоҷагии об барои чен кардани масофаву баландӣ, муайян кардани фарқҳои пуркунӣ ва кандан, ҳамчунин, бахри нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумотҳо имконият фароҳам меоранд.

**Х. ҲАМИДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# РУХСАТНОМАИ НАХУСТИН БАРОИ МУСОФИРКАШОНӢ

***Тибқи қонуни Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон бояд аз соли нав барои мусофир ва боркашонӣ бо воситаи нақлиёти автомобилӣ дар шаҳр, атрофи шаҳр, байнишаҳрҳо ва роҳҳои байналхалқӣ ба корхонаҳои ин соҳа рухсатнома (литсензия)-и махсус дода шавад.***

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Сирдарё автобус саройи»-и ноҳияи Сирдарё дар вилояти Сирдарё аввалин шуда соҳиби чунин рухсатнома гардид. Онро шуъбаи ноҳиявии Агентии хидматҳои давлатии вилояти Сирдарё супорид.

Акнун ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Сирдарё автобус саройи» бо чор адад автобуси «Исузу» метавонанд фаъолияти қонунии худро дар ҳудуди вилоят оғоз кунад.

– Ба роҳ монда шудани хатсайри автобус айни муддао шуд, – мегӯяд сокини ноҳия Ҳ.Ҳакимов. – Зеро мусофирон акнун медонанд, ки автобус кай меояду онҳо кай ба роҳ бароянд. Ғайр аз ин, пайдост, ки на ҳама имконияти бо таксӣ гаштан доранд.

**Т. БОҚИЕВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сирдарё.**

# БАРҚАРОР КАРДАНИ САЛОМАТИИ ОДАМОН — АЗ ҲАМА МУҲИМ

Бо Абдурашид Ақрабов аз солҳои донишҷӯӣ инҷониб дӯсту бародар ҳастам. Ҳарду донишгоҳро дар шаҳри Хуҷанди Тоҷикистон ба итмом расонидем ва бо дипломи пизишкӣ (шифокор) ба диёр баргаштем. Ман дар бемористони вилоятии ёрии таъҷилӣ кор мекунам, Абдурашид дар маркази махсуси урологияи вилоят ба ҳайси пизишки гурда фаъолият дорад.

Чанд сол ҷойи сукунатамон дар шаҳри Фарғона низ бо ҳам наздик буд. Вай бо зану бачаҳояш дар хонаи баландошёнаи рӯ ба рӯи хонаи мо зиндагӣ мекард. Гоҳ-гоҳ шому саҳар ҳамдигарро медидем ва каме суҳбат карда, боз аз пайи кор мешудем. Маҷрои зиндагӣ ҳамин будааст. Агар хумори дидани ҳамдигар боло гирад, баъди кор дар ягон ҷойи ором боҳам нишаста суҳбат мекардем. Аммо ҳоло ҳарду ҳавлӣ сохта, аз ин минтақаи шаҳр ба яке аз маҳаллаҳои беруни он кӯчидем. Барои ҳамин муддати дидорбиниамон низ баъзан ба дарозо мекашад.

Боре телефонӣ пурсидам, ки кору ҳолаш чӣ хел аст. Гуфт, ки агар имкон дошта бошам, баъди кор дар ягон қаҳвахона вохӯрем ва суҳбат кунем. Розӣ шудам ва баъди кор ба ҷойи ваъдагӣ худро расондам. Аммо Абдурашидро пайдо накардам. Барояш занг задам. Гӯширо набардошт. Эҳсоси нигаронӣ вуҷудамро фаро гирифт.

Ба рақами хонааш занг задам, ки гӯширо завҷааш бардошт. Ба хотири он ки вайро ба ташвиш нагузорам, пурсидам, ки агар Абдурашид дар хона бошад, гӯширо ба вай диҳад. Аммо завҷааш гуфт, ки шавҳараш ҳанӯз ба хона барнагаштааст, зеро занг зада гуфтааст, ки як бемори вазнинро оварданд. Аҳволи бемор чандон хуб набудааст ва маълум нест, ки оё шавҳараш ба хона бармегардад ё на.

Аз ин суҳбат фаҳмидам, ки мулоқоти ҳамоҳанг сохтаамон баргузор намешавад. Ба ҳавлӣ омадам ва хӯроки шомро тановул карда, хостам телевизор тамошо кунам. Аммо дилам гуфт, ки як бор ба Абдурашид занг зада, ҳолашро пурсам.

– Шумо ҳам ваъдабоз будаед-ку, – шӯхиомез гуфтам ба ӯ.

– Э ҷӯраҷон, баъзан чунин ҳолатҳое рух медиҳанд, ки мулоқот бо дӯстат он тараф истад, чанд рӯзу шаб зану бачаҳоро низ фаромӯш мекунӣ, – посух дод Абдурашид бо ҳамон ширинбаёние, ки ҳамеша дорад.

– Бале, туро дарк мекунам, дӯстам. Бароят сабру таҳаммул мехоҳам. Худам ҳам баъзе шабҳо ба хона барнамегардам. То ба худ омадани бемор болои сараш рост меистам, – гуфта ҳарфҳои дӯстамро тасдиқ намудам.

Баъд Абдурашид тавзеҳ дод, ки бемораш нигаронкунанда аст. Вай аз Тошканд як профессори урологро даъват кардааст, ки бо бемори ӯ муовизбат кунад, то ки ба по хезад. Зеро бемор ҳанӯз зани ҷавон аст ва фарзандҳояш бояд бо модари худашон калон шаванд. Абдурашид илова кард, ки ба Тошканд интиқол додани бемор имконнопазир аст, зеро дар роҳ пеш омадани ягон мушкилоти тиббӣ аз эҳтимол холӣ нест.

Баъди чанд дақиқаи суҳбат аз ин тарафу он тараф худоҳофизӣ кардем. Аммо ин бор аз ваъдаву қарор дар бораи он ки мулоқоти навбатиамон дар куҷо баргузор хоҳад шуд, худдорӣ намудем.

Бале, кори мо, шифокорон ҳамеша ба ҳамин минвол давом мекунад. Мо на ҳамеша ба тӯю маъракаҳои даъватшуда ҳозир мешавем ва дӯстони худро бо ҳузурамон хурсанд мекунем. Аммо кӯшиш мекунем, ки одамони дигар, яъне бемор ва пайвандону наздикони ӯ аз мо хурсанду розӣ бошанд.



Абдурашид Ақрабов зодаи деҳаи Қалъаи Болои ноҳияи Сӯх аст. Зимни таҳсил дар мактаби таълимоти умумии рақами 7 бештар ба касби омӯзгорӣ, хусусан, забон ва адабиёти тоҷик шавқу рағбати калон дошт. Абдурашид аз овони мактабхонӣ шеър менавишт. Чанд намунаи шеърҳояш дар рӯзномаи ноҳиявии «Садои Сӯх», китоби дастаҷамъонаи қаламкашони сӯхӣ ва амсоли он интишор шудаанд. Вай мактабро бо шаҳодатномаи имтиёзнок хатм кардааст. Мо, як гурӯҳ ҷавонони деҳаҳои гуногуни ноҳияи Сӯх ҳамроҳ ҳуҷҷатҳоямонро ба факултаи тибби Донишгоҳи давлатии Хуҷанд супурдем. Дӯстиву рафоқати мо аз ҳамон солҳои донишҷӯӣ маншаъ гирифтааст ва то кунун идома дорад.

Абдурашид ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ низ бо шеърҳои равони худ дар миёни донишҷӯён ном бароварда буд. Дар маҳфилҳо ва шабнишиниҳо шеърҳояшро хеле гарм истиқбол мекарданд. Чанд намунаи ашъорашро рӯзномаи донишгоҳ низ ба табъ расонидааст.

Боре аз Абдурашид суол кардам, ки чаро омӯзгор нашудӣ, зеро одамоне, ки ба адабиёт ва шеъру шоирӣ каму беш сарукор доранд, бештар ҳамин касбро интихоб мекунанд.

– Медонӣ, ҷӯраҷон, ман аслан омӯзгор шуданӣ будам. Аммо баъди он ки модарам зуд-зуд аз дарди ҷонкоҳ ва бемории дуру дароз азият мекашанд, ман хостам, ки духтур шаваму ба ҷони он кас марҳам бахшам, – гуфта буд Абдурашид.

Бо вуҷуди табобатҳои пай дар пай ва муназзами шабонарӯзӣ модари Абдурашид ду сол пеш қазо карданд. Дӯстам аз он дар шигифт монд, ки ба ҷони модари зораш натавонист марҳам бахшаду ӯро аз марг наҷот диҳад. Тақдир чунин будааст.

Мо соли 1999 донишгоҳро хатм кардем ва муддати ду солӣ дар бахши ординатура таҷриба андӯхтем. Абдурашид аз рӯзҳои аввал мехост, ки донишу маҳорати худро дар соҳаи урология такмил диҳад ва фаъолияти минбаъдаи худро маҳз ба ҳамин соҳа бахшад, ки ҳоло бо муваффақият ба дарди беморон дармон мебахшад. Вай бештар санги гурдаҳои беморонро тавассути дастгоҳҳои хос парчаву майда мекунад ва ин майдаҳои санг тавассути пешоби бемор аз узвашон хориҷ мешавад.

Абдурашид ба як духтари маҳаллии сӯхӣ издивоҷ кардааст. Ҳоло зану шавҳар соҳиби ду фарзанд ҳастанд.

**Фарҳод ПӮЛОДОВ,**
**шифокори шуъбаи «Ёрии таъҷилӣ»-и шифохонаи маркази вилояти Фарғона.**




*Самти дуюми панҷ ташаббуси муҳиме, ки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев пешниҳод кард, ин баланд бардоштани маънавияти ҷавонони кишвари мо ва ба роҳ мондани истироҳати пурмазмуни онҳо мебошад, ки ба обутоби ҷисмонии ҷавонон, фароҳам овардани шароити зарурӣ баҳри ошкор намудани имкониятҳояшон дар соҳаи варзиш нигаронида шудааст. Бояд қайд кард, ки дар давраи сипаришуда дар самти мазкур корҳои васеъмиқёс амалӣ гардиданд.*

*15 январ дар стадиони «Миллӣ»-и пойтахт маросими гусели тантанавии корвони варзишӣ ба минтақаҳои кишвари мо баргузор шуд.*

*Ба намояндагони масъуле, ки аз тамоми минтақаҳои мамлакат омада буданд, сертификатҳои махсус супурданд ва корвони варзишӣ дар сар то сари ҷумҳурӣ ба роҳ баромад. Ин корвони варзишӣ 96 намуди лавозимоти варзишӣ ва ба маблағи умумии 50 миллиард сӯм сару либос дорад. Таҷҳизоти варзишӣ ба арзиши 19 миллиарду 316 миллиону 802 ҳазор сӯм ба 230 адад мактабҳои бачагонаву наврасони варзишии кишвари мо расонда дода шуданд.*

***Дар сурат:*** *маросими тантанавии гуселкунии корвони варзишӣ.*

***Суратгир: Муҳаммад АМИН (ӮзА).***

# ДУНИМ ГЕКТАР ТУТЗОР БАРПО МЕГАРДАД

***Минтақаи марзии қаламрави ноҳияи Бешариқ, ки бо ноҳияи Конибодоми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаммарз аст ва аз адиру теппаҳои холӣ иборат мебошад, барои барпо кардани тутзор мувофиқ дониста шуд. Ҷавонони ноҳияи мазкур дар мавзеи "Файзли Адиробод" шинонидани дуним гектар тутзорро ба нақша гирифтанд.***

– Ҳоло 72 гектар боғе, ки ниҳолҳояш хушк шуда рафтааст, 705 гектар замини чарогоҳ ва 1 ҳазору 73 гектар майдони холимондаи захиравӣ дар ихтиёри як гурӯҳ ҷавонон гузошта шуд. Барои вусъати суръати кор аз ҳисоби ҳокимияти ноҳия гурӯҳи корӣ таъсис ёфт ва ба он мутахассисон ва воситаҳои техникӣ ҷалб карда шуданд, – мегӯяд мудири шуъбаи Шӯрои ноҳиявии Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон Баркамол Абдусаидов. Барои барпо намудани плантатсияи тут 13 миллиард сӯм тақозо мегардад. Барои обёрии тутзор ба кофтани 23 чоҳи об супориш дода шуд, ки ҷиҳати иҷрои он бештар аз панҷ миллиард сӯм ихтисос ёфтааст. Дар айни ҳол ҷавонони зиёд корҳои ҳамвор ва шудгор кардани замин, ҳамчунин ниҳолшиниро оғоз намуданд.

Ба гуфтаи роҳбари кластери кирмакпарварии "Шоҳии Бешариқ" Мақсудҷон Қосимов дар рӯзҳои аввал барои 200 гектар замин 700 ҳазор дона ниҳоли тут омода карда шуд.

– Мо барои хариди ниҳолҳои тут бо субъектҳои хоҷагидории махсуси кӯчатпарварӣ гуфтугӯ кардем. Барпо шудани майдонҳои фарохи тутзор имкон медиҳад, ки ҷойҳои нави кор офарида шаванд ва дарояндаи наздик ба роҳандозии фаъолиятҳои қолинбофӣ, атласу адрасбофӣ ҳусни оғоз бахшем, – мегӯяд Мақсудҷон Қосимов.

**Файзулло ИБРОҲИМОВ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## ХАБАРҲО

### Шурӯъ ба барпои боз як корхонаи нав

***Бинобар маълумоти корхонаи давлатӣ-унитарии «Ӯзтрансйӯлқурилиш» дар таъмини бехатарии роҳ чорабиниҳои нав андешида шуда, минбаъд дар канори ҷодаҳо ҷойи панҷараҳои филизиро панҷараҳои пломерӣ-пластмассавӣ иваз менамоянд.***

Аз ин гуна таворҳо, ки вақти бархӯрд ба онҳо мошинҳо камтар зарар мебинанд, алъон дар Аврупо, як қатор кишварҳои қитъаи Амрико ва Осиё истифода мекунанд. Барои дар Ӯзбекистон истеҳсол намудани маҳсулоти полимерӣ Куриёи Ҷанубӣ 2 млн. доллар сармоя ҷудо кард. Арзиши умумии корхонае, ки сохтмонаш оғоз мёебад, 35 млн. доллари амрикоист. Молҳои зарурӣ аз Куриё оварда мешавад, маҳсулоти боқимонда дар кишварамон ҳаст.

Корҳо дар чаҳор самт: сохтани монеаҳо, баровардани маҳсулоти рангубор, истеҳсоли семент ва барпои роҳҳо амалӣ гардонда мешаванд. Техника ва мутахассисон аз Украина ҷалб мешаванд. Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон заводи семент бунёд мегардад, ки соле 1,5 млн. тонна маҳсулот мебарорад. Завод 60 гектар майдонро фаро гирифта, 400 ҷойи нави корӣ офарида мешавад. Лоиҳа нафақат дар таъмини бехатарии роҳ, инчунин ба пешрафти иқтисодиамон ҳисса мегузорад.

### Видеоконфронс дар Суди олӣ

***Дар Суди олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо мақсади дастгирии шавқу рағбат ва ташаббусҳои ҷавонони фаъол, кушодани дари имкониятҳои нав ба онҳо дар шакли видеоконфронс чорабинӣ баргузор гардид.***

Дар он баробари намояндагони созмонҳои давлатию ҷамъиятӣ бештар аз 1,5 ҳазор ҷавонон иштирокдори воқеӣ ва ғоибона буданд, ки ба риштаҳои судию ҳуқуқӣ алоқамананд.

Аз рӯйи иҷрои вазифаҳое, ки роҳбари давлати мо аснои вохӯрӣ бо як гурӯҳ ҷавонон 27 декабри соли 2019 ба миён гузошт, фикру мулоҳизаҳо баён шуданд. Таъкид гардид, ки баробари пешравиҳо дар фаъолияти ҷавонон норасоиҳо низ маврҷуданд, ҳуқуқшиносҳои ҷавон дар татбиқи қонун ва баррасии қарорҳое, ки ба соҳа мутааллиқанд, на ҳамеша муташаккил мебошанд. Дар сохтори судию ҳуқуқӣ ташкил карда шудани гурӯҳҳои пешбар ва гирди он муттаҳид сохтани ҳуқуқшиносҳои ҷавон ба мақсад мувофиқ дониста шуд.

### Мавҷи илҳоми донишҷӯён

***Ҷавононе, ки баробари риштаҳои филологӣ ва журналистӣ дар бахшҳои гуногуни муассисаҳои таълими олӣ таълим гирифта, ба адабиёт ва эҷоди бадеӣ шавқ доранд, хеле зиёданд.***

Як гурӯҳ донишҷӯёни Институти ирригатсия ва муҳандисии механизатсияи хоҷагии кишоварзии Тошканд ба мактаби эҷодии ба номи Абдулло Қодирӣ саёҳат ташкил карда ва ба фаъолияти он аз наздик шинос шуданд. Маълум гашт, ки ҷавонон дар риштаи техникаи хоҷагии кишоварзию об таҳсил кунанд ҳам, аз адабиёт ва фарҳанг ба хубӣ огоҳанд. Ин дар мушоира, ки қалбашонро ба ҷӯш овард, дигарбора исботи худ ёфт. Маълум гашт эҷодкорони донишкада маҷмӯаи шеърие бо унвони «Мавҷҳои илҳом» омода кардаанд.

**М. ШОДИЕВ.**

***Падару бобоёни мо ба тарбияи фарзанд, аз рӯзи ба дунё омадан то ба воя расидани ӯ бо масъулият қаробат ҷустаанд, таълиму тарбия гирифтани фарзанд ба нангу номус ва орият иртиботи ногусастанӣ дошт.***

***Ин ҷиҳат дар қонунгузории миллӣ низ таҷассум ёфтааст, яъне дар Конститутсияамон, Кодекси оила, қонунҳо «Доир ба кафолатҳои ҳуқуқии бача», «Дар бораи васигию ҳомигӣ», «Дар бораи профилактикаи беназоратӣ ва қонуншиканӣ дар байни ноболиғон», фармонҳои Президент ва бо як қатор қарорҳои Девони Вазирон ба ҳифзи пурраи манфиати фарзандон, яъне ба воя нарасидагон кафолат дода шудааст.***

# ЭЪТИБОР БА ТАРБИЯИ ФАРЗАНД — ЭЪТИБОР БА ХУДӢ

Як қатор чорабиниҳое, ки дар қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳо доир ба пурзӯр намудани кафолати ҳуқуқии бача», аз 22 апрели соли 2019, пешбинӣ шудаанд, бобати таъмини ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоӣ ва иқтисодии ноболиғон ва бепарастормондагон, тарбияи ҳамаҷонибаи ҷисмонӣ ва маънавии ҷавонон омили муҳим мегардад.

Хусусан, ҷорӣ гардидани вакил бино ба ҳуқуқи бача – ҷонишини вакили (Омбудсман) бино ба ҳуқуқи инсон дар назди Олий Маҷлис низоми наве оиди ҳуқуқи бачаҳо гардид.

Ҳамчунин, дар мамлакатамон аз 1 сентябри соли 2019 барои духтарон синни 18 синни никоҳ муайян карда шуд. Пешбинӣ шуд, ки бача дар ҳар гуна муҳокимаи судӣ ба гуфтани фикри худ ҳақ дорад, мақомоти ваколатдор (шахсон) бобати ҳаллу фасли масъалаи вобаста ба манфиати бача, ба назари эътибор гирифтани фикри бачаи мустақиландеш, сарфи назар аз синну соли ӯ, бояд рӯйи эътибор гардонанд ва шарт аст, ки бо назардошти манфиати бачаҳо қарор доир намоянд. Ва ин дар навбати худ, бешубҳа, ҳифзи пурраи ҳуқуқ ва манфиати бачаҳоро таъмин менамояд.

Аллома Абӯҳомиди Ғаззолӣ беҳуда огоҳ накарда буд, ки: *«Бидон! Тарбияи фарзанд кори аз ҳама муҳим аст. Фарзанд – амонати падару модар. Қалби бача гавҳари поку нафис ва аз ҳар гуна нақшу сурат орист. Ба он ҳар нақше андозанд, тибқи ҳамон нақш ташаккул меёбад, ба ҳар сӯе, ки кашанд, ба ҳамон сӯ ҳам мешавад... Ба ӯ некӣ ва некӯкорӣ биомӯзанд ва дар байни некон ба воя расад, саодати дунё ва охиратро хоҳад ёфт. Агар бача аз назари эътибор дур афтад, дар байни бадон бирӯяд, рӯ ба бадбахтӣ оварда, ҳалок хоҳад шуд. Бори ин гуноҳ бар дӯши онҳое, ки ӯро ба ин роҳ андохтаанд ва падару модар меафтад».*

Биноан, ба тарбияи фарзанд бояд бо масъулият қаробат ҷӯем, фаромӯш накунем, ки дар ин бобат ибрати шахсӣ омили муҳим аст. Агар мо имрӯз ба фарзандонамон беэътибор бошем, фардо меваи талхи ин бемасъулиятиро хоҳем чашид.

Дуруст, ягон падару модар ҷиноятткор шудани фарзанди худро намехоҳад. Аммо имрӯз сабаби ба ҷиноят даст задани ноболиғон чист? Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин ҳолат сабабҳои зиёд дорад.

**Якум**, падару модароне, баъди ба дунё омадани фарзанд, ба тақдираш бефарқ нигоҳ карда, ҷудо мешаванд, ин пайомад ба бача таъсири номатлуб мерасонад, сабаби ба кӯчаи ҷиноят ворид шудани ӯ мегардад.

Президент Шавкат Мирзиёев ба наздикӣ вақте бо ҷавонон вохӯрд, оиди бартараф намудани ин мушкил ҳарф зад. Доир ба пешгирӣ кардани қонуншиканӣ ва ҷиноятткорӣ дар байни ҷавонон, ҷудошавии оилавӣ дастур дод.

Бояд ёдрас намуд, ки дар моддаи 64-уми Қонуни Асосӣ таъкид гардида, ки падару модарон то ба воя расидани фарзандон бояд бо парвариш ва тарбияи онҳо машғул шаванд.

Бо тарбияи фарзанд машғул нашудан ва аз таъминоти моддии онҳо рӯ тофтани баъзе падару модарони аз ҳам ҷудошуда ҳолати ғамангез аст.

Соли 2019 тибқи қарори суд аз **3 ҳазору 218** шаҳрванд, тавассути фармони суд бошад, барои таъминоти моддии фарзандон аз **45 ҳазору 459** шаҳрванд ситонда шудани алимент, барои аз таъминоти фарзандон рӯ тофтан ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудани **5 ҳазору 31** нафар падар, ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шудани **90** нафар падар гуфтаҳои болоиро собит менамояд.

**Дуюм**, падару модарон тарбияи фарзандро ба дигарон бовар карда месупоранд, ки ин ҳолати номатлуб аст. Пӯшида нест, ки имрӯз баъзе падару модарон ба мақсади аз ҷиҳати моддӣ хуб таъмин намудани фарзандон, ба дараҷаи олӣ гузарондани тӯйи онҳо, харидани сарупои арзанда, фарзанди худро ба падару модари пир, хеши наздик ё ҳамсояи худ супурда, худашон барои пулёбӣ ба кишварҳои дур мераванд. Аммо онҳо намедонанд, ки вақти ба фарзанд тарбия ва меҳр доданро аз даст медиҳанд, ки дертар ин зарарро бо сарвати зиёди моддӣ ҷуброн карда намешавад.

Дар ҳоли ҳозир падару модари аксарияти ноболиғоне, ки ҷиноят содир намудаанд ё аз ҳам ҷудо шудаанд, ё ба кишварҳои дигар ба муддати дуру дароз ба кор рафтаанд. Ҷиҳати дигари номатлуб ин аст, ки падару модари аксарияти онҳое, ки дар Хонаҳои меҳрубонӣ тарбия меёбанд, зиндаанд, вале аз ҳамдигар ҷудо шудаанд. Имрӯз онҳоро давлат парвариш менамояд, ҳарчанд барояшон ҳама чиз фаровон аст, аммо ба меҳри падару модар ниёз доранд.

Дар урфият: «Аз рӯйи меҳр меҳр» гуфтаанд. Агар мо имрӯз ба фарзандони худ меҳр надиҳем, фардо ба меҳри онҳо зор хоҳем шуд. Бояд дар ин хусус падару модароне, ки ба хотири роҳату фароғати худ фарзандонашонро дар хонаҳои меҳрубонӣ партофта мераванд, биандешанд.

**Сабаби сеюм** ин аст, ки ё муносибатҳои оилавӣ ба таври бояду шояд нест ё падару модар ба нӯшокиҳои спиртдор руҷӯъ кардаанд, ба ибораи дигар сардорони оила худ ба тарбия ниёз доранд. *(Дар соли 2019 1 ҳазору 150 нафар падару модар аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шудаанд. Қариб 2 ҳазору 71 нафар падару модар аз он ки нӯшокиҳои спиртдор истеъмол менамоянд ва бино ба дигар сабабҳо ба муомила нолоиқ дониста шудаанд).*

Сабаби дигари ба роҳи ҷиноят даромадани бачаҳои ноболиғ ахбори гуногунест, мисли зуроварӣ ва фаҳш, ки тавассути интернет интишор меёбанд. Мо бояд фарзандонро аз таъсири онҳо эҳтиёт кунем.

Пӯшида нест, ки мактаб, литсей, коллеҷ ва муассисаҳои таълими олӣ маскани таълиму тарбия маҳсуб меёбанд, вале вазифаи асосии маърифатгоҳҳои мазкур дониш додан аст. Бо тарбияи бачаҳои зиёд машғул шудани як ё чанд омӯзгор аз доираи имкон берун аст. Биноан, тарбияи фарзандонро пурра ба дӯши муассисаҳои таълимӣ бор кардан нодуруст аст. Суоли табиие пайдо мешавад, ки чӣ бояд кард?

Роҳбари давлатамон дар вохӯрӣ бо ҷавонон бо назардошти мушкилиҳои вуҷуддошта дар ин росто чорабиниҳои маҷмӯъро ба миён гузошт.

Президентамон таъкид намуд, ки эътибор ба таълиму тарбия эътибор ба худу оянда аст, ғамхорӣ ба тарбияи насли солим ва шароит фароҳам овардан ба таълим гирифтани онҳо вазифаи падару модар, давлат, созмонҳои ҷамоатӣ, ҳамаи мо мебошад.

**Холмӯъмин ЁДГОРОВ,**
**ҷонишини раиси Суди олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**
**ӮзА**

# «УМЕДИ ХАЛҚ РАВО КУН БА МАРҲАМАТ...»

***Рӯзи истироҳат чун одат ба ҳавлӣ баромада хостам дар ҳавои кушод каме сайр кунам. Ҳамсояи девордармиёнам Муҳайёхон, ки ба қарибӣ ба ин маҳалла кӯч баста буд, дар ду даст сумкаҳои вазнин меомад ва маро дида борашро ба замин гузошт ва ҳар ду пурсупос кардем.***

– Ҳамсоя, бегоҳ ба хона дароед. Бурёкӯбон мекунам, модарам, бародарам ва дигар хешу пайвандон меоянд. Аз ҳамсояҳои нав ҳам 5-6 касро даъват кардам, – гуфт Муҳайёхон.

Ҳамон бегоҳ ба хонаи ӯ меҳмон шудам. Дертар хостам бо ин ҷавонзани кушодачеҳра, ки саробонии оила ба зиммаи ӯст, суҳбат кунам.

– Бо ҷавоне аҳду паймон баста оила бунёд намудем ва соҳиби духтарча шудем. Хонаамон якҳуҷрагӣ буд. Баъдтар бародарам онро таъмир карда дод. Рӯзе дарро касе кӯфт. Дар паси дар марди ношиносе меистод ва ӯ шавҳарамро пурсид. Баъди дар хона нест, ба кор рафт гуфтани ман, ӯ дарғазаб шуда гуфт:

– Панҷ моҳ боз ҳаққи иҷораро намедиҳад, ӯро ба суд медиҳам. Ба шумоён се рӯз муҳлат, хонаро холӣ кунед.

Вуҷудам аз тарс ва ҳам аз ҳилаву найранги шавҳарам ба ларза даромад. Ӯ хонаи худам гуфта, маро фиреб дода будааст. То бегоҳ бесаброна ӯро интизор шудам. Вақте ба хона омад, воқеаро гуфта додам.

– Чаро хонаи худам гуфта маро фиреб додӣ, чаро бо ваъдаҳои хушку холӣ доманы маро пур кардӣ?, – гирякунон пурсидам аз ӯ.

– Ман зану фарзанд дорам, туро бо хона таъмин карда наметавонам, – бешармона инро гуфта аз хона берун шуд. Дунё ба назарам торик шуд, ба куҷо рафтану ба кӣ муроҷиат карданро намедонистам. Худро сарзаниш мекардам: «Наход мани содда, кӯтоҳандеш ва нодон фиреб хӯрда бошам? Бо ин кӯдаки хурдсол куҷо меравам, ӯро чи тавр ба воя мерасонам?»

Баъди се рӯз соҳибхона омада ману духтарчаамро аз хона берун кард. Бо дидаи гирён, дар бағал кӯдак ба хонаи падар баргаштам...

Дертар бародарам аз пайи пайдо кардани шавҳарам шуд ва маълум гардид, ки ӯ оила доштааст, ғайр аз мардикорӣ дигар ҳунаре надоштааст. Ҳоло ӯ ба духтарчаам алимент медиҳад. Панҷ сол дар ҳавлии падар бо модарам, бародарам, янгаам ва чор фарзанди онҳо зиндагӣ кардам. Бародарам ба ману духтарчаам меҳрубон аст, аммо намехоҳам ҳавлии танги ӯро боз тангтар кунам. Бо маслиҳати фаъолони маҳалла ба ҳокимияти ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт муроҷиат кардам. Муроҷиати мани сарсахт ба зудӣ ҳаллу фасл гардид. Аз маҳаллаи «Янги Чоштепа»-и ноҳияи Сергели бепул соҳиби хонаи якҳуҷрагӣ шудам. Аз дидагони бенури модари солхӯрдаам, ки дар ғами ман дилаш хун мешуд ва ба тақдири ман худро гунаҳкор меҳисобид, ашки шодӣ шашқатор шуданд. Модарам беист роҳбари давлатамонро дуо мекунанд: «Сарвари давлат илоҳо кам нашаванд, сари муҳтоҷонро сила карданд. Камии он касро Худо зиёда кунад», – дар ҳамин ҷо ҳамсуҳбати ман Муҳайёхон Зокирова нақли худро ба охир расонд.

Оре, ҳар кӣ хоҳад, ки ҳоҷати ӯ раво бошад, бояд ҳоҷати дигарон барорад. Дар «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар боби ҳоҷатбарорӣ чунин гуфта шудааст: «Искандари Зулқарнайн рӯзе то шаб дар маҷлиси ҳукумат нишаста буд ва ҳеҷ кас рафъи ҳоҷате накард, чун вақти бархостан шуд, надимони худро гуфт, ки ман имрӯзро аз ҳисоби умр нашуморам. Яке аз надимон гуфт: «Рӯзе, ки дар ин сиҳату фароғат гузарад ва дар саломату каромат ба шаб расад ва хазинаи маъмуру сипоҳ мукаммал бошад. Агар малик имрӯзро умр ҳисоб накунад, пас кадом рӯзро дар шумори умр тавон овард?» Гуфт: «Рӯзе, ки аз подшоҳ роҳате ба матлубе нарасад ва ҳоҷати маҳруме раво нагардад, чӣ гуна аз умр тавон шумурд?»

Байт:

*Умеди халқ раво кун ба*
*марҳамат, ки ту низ,*
*Муқаррар аст, ки бо худ*
*умедҳо дорӣ.*
*Бидеҳ муроди фақирон ба*
*лутф, то бидиҳад*
*Муродҳо, ки ту бо ҳазрати*
*Худо дорӣ.*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Дар толори фаъолони Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба муносибати 30-юмин солгарди таъсиси рӯзномаи “Овози Самарқанд” анҷумани бошукӯҳ ба вуқӯъ пайваст.*

# ЗАНГӮЛА ЗАНАД НАВ БА НАВ “ОВОЗИ САМАРҚАНД”

Дар тадбир вакилони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамоатӣ, кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ, муштариёни дилсӯзи нашрия ширкат варзиданд.

Нишастро раиси шуъбаи вилоятии Иттиҳоди эҷодии журналистони Ӯзбекистон, сардабири таҳририяти муштараки «Зарафшон» ва «Самаркандский вестник» Фармон Тошев ифтитоҳ бахшид.

Сипас, муассис – ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов ба сухан баромад ва оид ба ислоҳоте, ки дар соҳаи матбуот амалӣ мегарданд, ҳарф зад.

– Имрӯз матбуот танҳо воситаи паҳнкунандаи ахбор нест, – гуфт ӯ. – Дар сохтори институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ нақши воситаҳои ахбори оммавӣ торафт меафзояд. Ислоҳоте, ки таҳти сарварии Президенти муҳтарамамон бинобар таъмин кардани озодии сухан ва ахбор дар ҷамъият, дар амал ба «ҳокимияти чаҳорум» табдил додани воситаҳои ахбори оммавӣ амалӣ мегарданд, имрӯз самараи худро медиҳанд. Хеле хурсандибахш аст, ки ин дигаргуниҳо дар нашрияи соҳибҷашн низ акси худро меёбанд. Дар ҳар шумораи рӯзнома доир ба ҳаёти вилоят мақолаҳои рӯзмарра ва хабару навигариҳои рӯз чоп мешаванд, ки ин ба мо барои огоҳ будан аз натиҷаҳои корҳои амалишаванда дар ҷойҳо ва муайян кардани вазифаҳои оянда кӯмак мерасонад.

Алалхусус, дастовардҳои солҳои охири ҷамоаи таҳририят баробари аҳли ҷамъият моро низ хурсанд мекунад, ки яке аз онҳо дар соли 2018 дар озмуни байналхалқӣ барои Ҷоизаи XIII миллии «Олтин қалам» («Қалами тиллоӣ») иштирок карда, бинобар равияи «Беҳтарин материали журналистӣ дар матбуоти даврӣ» ҷойи сеюмро ба даст овардани рӯзнома мебошад. – Аз тарафи ҳайати таҳрири «Китобхонаи «Овози Самарқанд» китоби «Саодати дӯстӣ», ки аз намунаҳои тарҷумаи шеъри шоирони муосири ӯзбек иборат аст, инчунин, соли 2019 китоби «Самарқандда Айнийшунослик – Айнишиносӣ дар Самарқанд»-и иборат аз мақолаҳо дар бораи мероси маънавӣ ва илмии Садриддин Айнӣ зери сарпарастии Музей – мамнӯъгоҳи давлатии Самарқанд нашр шуданд.

Ба муносибати 30-солагии таъсиси рӯзнома китобҳои «30 гуфтор аз 30 тор» иборат аз намунаҳои эҷоди аҳли қалами Самарқанд ва маҷмӯаи мақолаҳои беҳтарини рӯзнома – «30 номаи рӯзнома» чоп гардиданд, ки аз фаъолӣ ва маърифатпарварии ҷамоа далолат медиҳанд.

Қаҳрамони Ӯзбекистон, раиси шуъбаи вилоятии Хазинаи хайриявии «Нуронӣ» Ҳасан Нормуродов ба сухан баромада, изҳор дошт, ки рӯзномаи «Овози Самарқанд» дар оғози истиқлол ба майдони матбуот баромад. Дар он ҳиссаи зиёиёни Самарқанд хеле калон аст. Танҳо номи «Овози Самарқанд» доштани рӯзнома дар қалби мардуми вилоят эҳсоси меҳру муҳаббатро бедор мекунад.

Рӯзномаи навтаъсис дар сафи рӯзномаҳои дигари ҷумҳурӣ ҷой, мақом ва обрӯву эътибори худро дарёфт. Ба таъсисёбии рӯзнома 30 сол пур шуд. Яъне, умри рӯзнома давом дорад. Вай дар байни халқ маҳбубият пайдо кард. Аҳли қалам одамони бузурганд. Беҳуда қаламкашӣ намекунанд. Қалам кай нируманд мешавад? Агар сухани журналист, шоир ва нависанда асоснок ва мутассир бошад, он ба хонанда писанд меояд.

Аз номи ҳайати таҳририяи рӯзномаи «Овози тоҷик» Шерпӯлод Вакилов сухан карда, ҷамоатро бо таҷлили 30-солагии таъсиси рӯзнома самимона табрик гуфта, таъкид намуд, ки Самарқанд аз азал маркази тамаддун аст. Шояд аз ҳамин сабаб 95 сол қабл аз ин нахустин шумораи рӯзномаи «Овози тоҷик» дар Самарқанд нашр шуда буд. «Овози Самарқанд» набераи «Овози тоҷик» аст. Дар ин рӯзҳои фараҳбахш ба набера – мағзи бодоми «Овози тоҷик» комёбиҳои нав ба нав таманно дорем.

– Ман аз рӯзи аввали таъсиси «Овози Самарқанд» ҳамдилу ҳамрози он будам, – гуфт собиқ ҳокими шаҳри Самарқанд Носир Яъқубов. – Вай роҳи душвор, вале бошарафро тай намуд. Дар ин толор аксар ҷонсӯзони рӯзномаро дида, таъбам болида гардид.

Дар тадбир қариб ҳамаи муҳаррирону вакилони рӯзномаи ноҳиявӣ ва шаҳрии вилоят ширкат варзида, табрик карданд ва тӯҳфаҳои хотиравии худро супурданд.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш ба ҳамаи кормандону муштариёни «Овози Самарқанд» 30-солагиро табрику таҳният гуфта, тамоми хушиҳои зиндагиро таманно дорем.

Бояд таъкид кард, ки барои хонданӣ ва ҷолиби диққат баромадани рӯзнома баробари кормандони эҷодӣ саҳми ходимони техникии таҳририят, аз ҷумла Дамири Нур, Қудрат Тӯраев, Лолаи Раҳимӣ, Мавлудаи Шарифӣ, Шукронаи Асадуллозода, Сироҷиддини Раҷаб, Сафия Нарзиева, Азамат Ҷумъазода ва дигарон низ шоёни эътироф аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори рӯзномаи «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

ОШИҚИ ӮЗБЕКИСТОН ШУДАМ

# САФАР ДАР ЗИМИСТОН БА КИШВАРЕ РӮ БА БАҲОР

***Чанде пеш гузориши маҷаллаи маъруфу муътабари «The Economist «- ро рӯйи сафҳаи фейсбукиам кошта будам, ки Ӯзбекистонро «Кишвари сол» эълон карда буд. Ростӣ, бовар надоштам, зеро ҳамеша ба ҳама навиштаҳо бо шубҳаву шакк менигарам. Бо вуҷуди бовар накардан ин хабари хушро ба ҳамсоягонамон табрик гуфтам ва назди худ аҳд кардам, ки ҳатман дар сафаре, ки пешопеш ба нақша гирифта будам, аз дидаҳоям нақл кунам ва аз дурустиву нодурустии он бигӯям. Субҳи 3-юми январ аз тайёраи Turkish Airlines ба Тошканд фуруд омадам.***

**ФУРУДГОҲ**

Корти шиносоии ҳар кишвар яқинан фурудгоҳу вокзалу гузаргоҳҳои марзиаш ҳастанд. Дар фурудгоҳ истиқболи кормандон хеле гарм буд. Ходимони назорати шиноснома хеле муаддабона ва бо эҳтироми хос ба меҳмонони кишварашон бархӯрд доштанд. Корманде, ки шинosномаи маро тафтиш мекард, аз ман бо меҳрубонӣ ва эҳтиром узрхоҳӣ кард, ки мушкиле пеш омадааст ва бираваму каме биншинам, баъд ӯ худаш маро садо хоҳад кард. Намедонам чӣ мушкиле буд, вале дар зарфи 30 дақиқа се бор наздам омад ва ҳар бор мегуфт: «Бахтиёрака, бубахшед ками дигар сабр кунед».

Ин лаҳзаҳо худам ба чашму гӯшам бовар намекардам, ки дар Ӯзбекистон ҳастам ё кишвари дигар. Баъд маро садо карда, шинosномаро ба дастам доданду бароям сафари хушу хотирмон орзу карданд. Аз назоратгоҳ берун шудам ва рафтам то ҷомадонамро бигирам. Онро гирифтам ва хостам симкорт бихарам.

Пешопеш дӯстон гуфта буданд, ки дар худи фурудгоҳ метавон симкорт харид. Осон лавҳаҳои вежа барои сайёҳонро ёфтам ва боз ҳам бо муҳаббати хосу лутфу зиёд симкорти ӯзбекистониро ба тилфонам гузоштанду истироҳати хуш таманно карданд.

**ТОКСИРОНҲО**

Берун баромадам, токсиронҳои бисёре мунтазири муштарӣ буданд ва мепурсиданд куҷо мехоҳам равам, то бибаранд ва ҳеч кадом ба одам “намечаспид”. Чун мегуфтам, ки дӯстонамро интизорам ва меояндy бо онҳо меравам, боз ҳам меҳрубон буданд. Яке лутф мекард, ки дар мошинаш биншинам, то хунук нахӯрам, дигаре гӯшиашро пешкаш менамуд, то ба дӯстонам занг бизанам...

**МИЛИСА**

Милисаро дар шаҳр қариб ки намебинӣ. Ва бо чанде, ки вохӯрдам, бо ҳар баҳонае аз эшон суол мекардам, бодиққат гӯш мекарданд ва ба қадри донисти худ ҷавоб медоданд. Аз он бархӯрди бад, ки солҳои 90-ум буд, ному нишоне намондааст. Намедонам чӣ тур, вале тавонистаанд, ки дар ин сохтор низ дигаргуниҳои хубу назаррас анҷом диҳанд.

**САРРОФӢ**

Медонем, ки бозори арзи Ӯзбекистон пештар чӣ тур буд. Пинҳонӣ арз иваз мекарданд ва агар милиса бохабар мешуд, ҳатто зиндон ҳам мекард ва фарқи бадали арз ҳам дар бонкҳо ва “бозори сиёҳ” хеле тафовут дошт. Ҳоло онро бо фисади ночизе дар бонкҳо иваз мекунанд, ҳеч ҳаёҳуе нест ва бозори сиёҳи хариду фурӯши арз аз байн рафтааст.

Берун аз тасаввур аст, ки ҳар фард метавонад дар як рӯз то 100 ҳазор доллар иваз кунад.

**БОЗОР**

Ман чун як одами шарқӣ ошиқи бозорам. Зеро аз бозор ҳар чӣ хостӣ, бо қимате, ки розӣ ҳастӣ, мехарӣ. Қариб 60 дарсади маҳсулоти бозор аз навои зиёди панир, ҳасиб, ширу қаймоқу шаробу дигару дигар сар карда, то мошину трактор истеҳсоли худи Ӯзбекистон аст.

**ОМӮЗГОР**

Таваҷҷуҳи вежаи Раисҷумҳур Шавкат Мирзиёев ба тарбияву таҳсили насли наврас қобили ситоиш аст. Ӯ ба кӯдакистону макотиб диққати хоса медиҳад. Ҳақи миёнаи омӯзгорони макотиби таҳсилоти умумӣ баробари 280 доллори амрикоӣ аст. Президент ният дорад, ки ин рақамро дучанд боло барад. Омӯзгорони донишкадаву донишгоҳҳои кишвар ҳоло аз 700 то 1000 доллор моҳона мегиранд.

**МАСОҶИД ВА ОЗОДИҲОИ ДИНӢ**

Ҳутали ман рӯбарӯи яке аз масоҷиди ҷомеи Тошканд буд ва ман аз тиреза намозгузоронро мушоҳида мекардам. На танҳо рӯзи ҷумъа, дигар рӯзҳо низ намозгузорон кам набуданд. Аксарашон ҷавонон. Бо чанде аз онҳо ҳамсуҳбат шудам, шодиовар буд, ки аслан таассуби динӣ надоштанд. Ҳарчанд ман ҳарфҳое сахту тунд мегуфтам. Дар кӯчаҳои шаҳр бонувони сатрпӯш ва ҷавонони ришдор бо ҳамсолони худ, ки мисли ҷавонони Вошингтону Порису Берлин либос мепӯшиданд, озодона гаштугузор мекарданд. Қаҳвахона ва ресторунҳо, ки дар сари ҳар қадаманд, ҳамеша серодам.

**ОЗОДИИ БАЁН**

Раисиҷумҳур аҳамияти озодии баёнро дар рушди кишвар хуб дарк кардааст. Аз ин рӯст, ки ҳамвора рӯзноманигорон ва блогеронро даъват мекунад, ки ҷасурона аз камбудиҳое ки дар кишвар мебинанд, интиқод кунанд ва ба худсонсурӣ роҳ надиҳанд.

**МАРҲАБО, ХУШ ОМАДЕД!**

Инҳо калимаҳое мебошанд, ки меҳмонон дар сари ҳар қадам мешунаванд. Сиёсати дарҳои боз ва муносибати хуб бо ҳамсоякишварҳо натиҷаи хуб дода. Танҳо сайёҳӣ дар соли гузашта тахминан 6.5 миллиард суд овардааст. Аз сармоягузориҳое, ки Чину Туркияву дигар кишварҳо кардаанд, чизе намегӯям. Танҳо дар як сафари соли гузаштаи Раисиҷумҳур ба Фаронса қарордодҳо ба маблағи бештар аз 5 миллиард доллар ба имзо расидаанд.

**ГУЛИ УМЕД**

Дар ин сафар, ҳар ҷо ки мерафтам, бо ҳар кас, ки менишастам, як падида эҳсос мешуд: ҳама ба оянда бо як умед бо назари нек менигаранд ва хушбинанд. Ин як ангеза (мотиватсия) барои сохтани зиндагии обод барои худ ва шукуфоии кишвар аст. Дӯсти тошкандиям инро “Баҳори Мирзиёев” мегуфт...

**Бахтиёр АМИНӢ,**
**сайёҳ аз Олмон.**



*Рӯзҳои 9-14 январи соли равон як гурӯҳ ҷавонони ӯзбекистонӣ ба шаҳри Алмаатои Қазоқистон рафта, дар олимпиадаи XVI байналхалқии Жаутиков (IZHO) оид ба фанҳои математика, физика ва информатика иштирок карданд ва соҳиби ҷойҳои муносиб гардиданд.*

*Мувофиқи натиҷаҳои олимпиада хонандаи синфи 11-уми мактаби таълими ҳамагонии рақами 18-уми ноҳияи Пешкӯҳи вилояти Бухоро Ҷаҳонгир Норбоев сазовори медали нуқра шуд. Толибилми синфи 10-уми мактаби махсуси давлатии таълими ҳамагонии рақами 5-уми ноҳияи Ғиҷдувони вилояти Бухоро Диёрбек Толибов, хонандаи синфи 11-уми мактаби махсуси давлатии таълими ҳамагонии рақами 1-уми ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё Элдор Нейматов, толибилми литсейи академии ба «Фанҳои табиӣ ва дақиқ» махсусонидашудаи ҷумҳуриявии ба номи С.Сироҷиддинов Фаррух Маҳмудов, толибилми литсейи академии назди Донишгоҳи давлатии Намангон Иброҳимҷон Мирғиёсов, толибилми литсейи академии Қарокӯли Донишгоҳи давлатии Бухоро Шаҳбоз Ҳасанов соҳибони медалҳои биринҷӣ шуданд.*

***Дар сурат:*** *маросими истиқболи тантанавии ҷавононе, ки дар олимпиадаи байналхалқӣ ба комёбиҳо ноил шуданд, дар аэропорти байналхалқии Тошканд ба номи Ислом Каримов.*

***Суратгир: Ф. АБДУРАСУЛОВ (ӮзА).***

## ПАЙМОН

# Нози Самарқанд

**Ба шарафи 30-юмин солгарди рӯзномаи «Овози Самарқанд»**

*«Овози Самарқанд», ало нози Самарқанд,*
*Ай ҷӯри дилу ҷони навосози Самарқанд.*

*Як номаи дигар набувад чун ту ба гетӣ,*
*Боиставу шоиставу анбози Самарқанд.*

*Аз туст, ки хуш мерасад имрӯз ба олам,*
*Овози Самарқанд – беҳин рози Самарқанд.*

*Ай нуру ҷило ёфта аз ҳуббi Самарқанд,*
*В-ай ҳусну сафо бурда зи пардози Самарқанд.*

*Бо боли ту некӯву баландасту мудомист,*
*Дар авҷи шараф, ростӣ, парвози Самарқанд.*

*Сӣ сол чӣ? Хоҳам, ки бимонӣ абадуддаҳр,*
*Ин гуна пурэъҷозу дар эъзози Самарқанд.*

*Аз зубдаи ёрони дуогӯйи ту бошад,*
*Паймони ту, ай зубдаи овози Самарқанд!*

(Аввалаш дар шумораи гузашта).

*Шариф ХАЛИЛ*

# ҚУРБОНИ МУЛӮҲ

*(Ҳикоя)*

– И-шш-ш.., – ба нишони таъкид мад кашидаву овозашро як парда бардошта нидо дардод соҳибхона.

Хари аз қайд вораста, ки мехост даҳон ба себаргаи лаби ҷӯй барад, ноилоҷ ба итоат омад, таққӣ дар ҷойи худ истод ва ду гӯшаш ба самти садо, аммо чашмонаш ҳамоно ба сӯйи сабзаи дилрабо интизор гашт, ки боз чӣ фармоне хоҳад расид. Мулло ба ҷонвар наздик шуд, ба гардани серёлаш даст монда, нафасе ба андеша рафт. “Чӣ кор кунад? Аз тамоми доройӣ – китобҳояш ҷудо гардад ё..? Сабил монад! Гузорад, балои ҷон, нагузорад, боиси синаи бирён... Хайр, Худованд худаш бубахшояд!” – хаёле даст афшонд вай ва оҳкашон сари харро ба сӯйи дарвоза гардонд.

Бо ҳамин, орзуи себаргаи тар, дар дили хари мунтазир пир шуд...

Дигарбора порбанду миёнбандашро санҷида, хӯрҷини вазнинро аз лаби айвон бардошта, ба болои маркаб партофт. Ҷомаи нимдошти худро тах зада, аз рӯйи хӯрҷин гузошт ва белу доси кориро гирифт...

Ҳаво – мусаффо, офтоб баландтар омада, бештар гармӣ мебахшид. Насими хуш якзайл вазидан дошт. Абрпора ба сайри худ идома медод. Роҳаш ҳамвор аз он фарози лоҷувардии дар иҳотаи анвори хуршед як-як шодиҳои боғоти саросар ғарқи гул, дарёҳои шӯх, киштзорони васеъ, кӯҳистони дар оғӯши сабзаву майса, арчаву чандин дарахти худрӯро... мафтун тамошо мекард.

Мулло Абдуллоҳ як ба сӯйи он абри ҳоло рангбохтаи фориғбол, ки гӯё ба таъқиби анвори офтоб гирифтор буд, назар партофта, савории худро аз роҳи калон ба бероҳа гардонд – қад-қади ҷӯйбори колхоз, аз назари мардуми деҳ пинҳон масофа паймуд...

Оби наҳрак гилолуд ва ёлафшон ҷорӣ мешуд, роҳаш ба самти боғистони ҷамоат аст!

Хар аз пайраҳаи борик ба ҳавои дил қадам мегузошт – имрӯз ғайриоддӣ бораш вазнинтар! Аслан, давоми сол аз роҳи умум рафтаву меомад ва ба фарқ аз улави боқии колхозчиҳо мудом сабукбор рафтаву ҳамин сон бармегашт. Ҳамҷинсони вай холӣ раванд, ҳатман пурбор меомаданд. Гоҳ алаф меоварданд, гоҳе ҳезум, вақти ба даҳон расидани ҳосили дарахтону боғи ангурзор ғанимати соҳибони худро, ки аз чашми раҳбарон пинҳон дар миёни дарзаи алаф, хасу хошок, хазон... мегузоштанд, ба манзил мерасонданд. Аммо хари Мулло аз ин хел корҳо маъзур буд... Чаро? – инашро ҷонвар фаҳм намекард. Ҳоло дар гӯшҳо қул-қули оби ҷӯйбор ба фароғи дил пой гузошта, аз расидани хилачӯб ба бари гарданаш дарёфт, ки савораш мехоҳад, ба самти дарахтзорони анбӯҳ қадам бардорад. “Аҷиб, чаро соҳибаш ин роҳро интихоб намуд? Беодам, ҳавлангез... Пайроҳаест, ки ба ин қарибиҳо мутлақо ҷонзоде по намонда ва ҳоло ба рӯяш сабза дамидааст. Ҳанӯз дар кафи баргҳои дарахтон, алафҳои қадашон ба дос моил... қатраҳои зулоли оби борони саҳар медурахшиданд. Хар то соқи пояш тар шуда, рӯйи махмали сабз роҳ мерафт ва ин рутубат ба танаш аҷаб нофор мерасид. Мулло ҳамон ғарқи андешаҳо буд ва ба оби шитобони ҷӯйбор, ки печ хӯрдаву чандин бор роҳро мебурид ва маркаби ӯ низ ҳар дафъа ҳаросон онро убур мекард, назар партофта аз дил гузаронд, ки чӣ қадар ба ҳаёти одамизод монанд аст ин атои Павардигор: – гоҳ зулол ояд, гоҳе вуҷудаш пур аз ғубор – лойолуда мегузарад! Ҳоло ҳаёти худи ӯ низ селобаи баҳоронро мемонад. Аз дасти чандин ғуссаи нешдор ба гил омехта, ба ороми тану нишоти рӯҳаш гургворӣ таҳдид мекунад. “Ба даргоҳат шукри фаровон, Аллоҳи кабир!” – зери лаб наҷво кард ӯ ва боз фикраш ба қисмати оби ҷӯйбори башавқ даванда банд шуд: – Ҳамин оби худоӣ, ки зимистону баҳорон якзайл ҷорӣ шуда, баъзан дар бади аҳли русто мезад, чиллаи тобистон ногоҳ ба нӯшдоруе мубаддал мегашт. Қадамаш канда ва гӯё тухми анқо мешуд! Дар байни деҳоти атроф навбати об фаро мерасид. Оби ҳамдигарро дуздидан ба як воқеаи маъмулӣ мубаддал мегашт. Ҳамон шабону рӯзон дар забони халқ мудом мушкили об чарх зада, зуд-зуд ҷанҷолу ханҷолҳо низ ба амал меомаданд, кашталканиҳои марбут ба он достон мешуданд.

Мулло харро нихта кард, ки бардам қадам гузорад ва... худ дубора ба оғӯши андешаҳо баргашт. Аз ёди як воқеаи замони пеш ноаён ба лаб табассум овард. Рӯзе Бибиотуни ӯ, вақти гармои саратон ва об камчину ҳатто ба аспакӣ ёфт намешуд, аз наҳраки дари хона, ки кадом ҳамдеҳаи бедорхобашон як тоқӣ оби азобии худро мегузаронд, чанд сатил гирифтаву ба рӯйи ҳавлӣ зада буд ва шодон аз қадаш ҷорӯб монда майли рӯфтан дошт. Мулло аз бозор лозимаҳои рӯзгорро харидаву ногоҳ дар болои ҳамин кирдори завҷааш омад. Хеле оташин гашта ва ҳамболини “одобгумкарда”-и худро бо чанд сухани рӯғанӣ хуб дарси адаб дода буд.

– Чаро оби мардумро напурсида ба рӯйи ҳавлӣ пошидӣ?

– Ин қадар ғазаб накунед. Аз ду сатил кам намешудагист об?

– Шавад-нашавад, моли амонат аст. Соҳиб дорад, тамоми шаб ранҷ кашида, ба сад кас афту дарафт карда, бечора шояд ният дорад, ки чанд сабзаи ҳавлиашро шодоб гардонад. Аммо ту...

– Хайр, нафаҳмидаам ман. Дигар такрор намекунам, дадеш.

– Аз соҳиби об узр мепурсӣ.

– Барои ду сатил об? – шармандагӣ! Мардум беибо дуздида, палакҳои худро об медиҳанду...

– Вақте дар нори ҷаҳаннам андозадат, ё наузамбиллоҳ, шармандагиро дар он дунё мебинӣ. Ба амонат хиёнат аст шармандагӣ. Ин чӣ беадабӣ?

– Ҳа-а... – гӯё дидаи ақлаш ногаҳон рӯшан шуда, мад кашид Бибиотун ва: – майлаш, бахшиш мепурсам, – гуфт гиребон ҷуфт намуда.

Ҳамин асно аз поёни боғ, аз рахнаи девор гузашта, беле сари китф Норқул паҳлавон намудор гашт. Оташин буд ӯ, дар аспи ғазаб савор буд. Қад-қади ҷӯйбор омада, ниҳоят ба Мулло наздик омада салом дод. Бели худро аз китф фаровварда, ҷабини арақшорашро пок кард.

– Инсоф намондааст Муллоҷон, ин мардум дида-дониста ба амонати одам чашм ало мекунанд.

Бибиотун, ки дар банди ҳаяҷон монугир ҷорӯб мезад, лаҳзае аз шуғл монда, лаб газид.

Мулло ҷавоби салом гуфта, аз Норқул паҳлавон, ки қомати баландаш, шонаҳои паҳнаш, дасту бозуи бақувваташ... мисоли як кӯҳи азим менамуд, нарм ҳолпусӣ кард ва:

– Палвон, ба ҳаққи худ ризо шавед, – як ба завҷаи худ чашм песонда, гуфт илтиҷоомез, – янгаатон напурсида ду-се сатил оби шуморо ба рӯйи ҳавлӣ пошидааст.

Вай бори дигар бо панҷаҳо арақи рӯяшро сутурда, чеҳрааш акнун рӯшан бо табассуми соф:

– Эҳ Муллоҷон, аҷаб инсони беғубoред шумо, – гуфт хандазанон ва филҳол ба сӯйи ҷӯяҳои нозбӯй, палаки ҳандалак ва навтоки ҳавлӣ нигарист, ки қариб пажмурда шуда буданд, об мегуфтанд, имдод мехостанд, аз дасти ташнагӣ гӯё ба дод омада буданд. – Ман аз дасти баъзе худобехабарон дод мегуфтам. Онҳо обро ба сатил не, балки кӯрмушвор медузданд, ҷояш ояд мурдаи худро ба даҳана партофта, “модоме аз дари хонаи ман об мегузаронӣ, аввал ман об мехӯрам, баъд ту” гуфта, беибоӣ мекунанд. Ман ба он ду-се сатил об... ҳазорон бор ризо. Аҷаб марди худотарсед Мулло.

(Давом дорад).

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-135. Адади нашр 836, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
Ҳ/С 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.